16 ноябр - Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

№46 (1195)

Панҷшанбе, 14 ноябри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

# Боҷу хироҷ

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**Муаррифии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ**

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар форуми соҳибкорону сармоягузорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария

с. 2

# Ошкор кардани манбаъҳои воқеӣ




СОҲИБКОРӢ

**Воридоти маблағи патент**

Патент - кафили фаъолияти мураттаби соҳибкор

с. 6

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

**Ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии иҷораи молу мулк**

Вазъи андозбандии иҷораи молу мулки ғайриманқул дар кишвар

с. 7

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

**Корҳои назоратӣ - омили бартараф намудани камбудиҳо**

Корҳои назоратӣ - яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз

с. 9

БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТӢ

**Дафтари бақайдгирии санҷишҳо**

ба андозсупорандагон ройгон дастрас мешавад

с. 10

ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

65 СОМОНӢ
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА

СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** 44-600-41-76

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
**РМА** 030007408



# Муаррифии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар форуми соҳибкорону сармоягузорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария**

**Муҳтарам соҳибкорону сармоягузорон,**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Бо камоли эҳтиром ҳар яки шуморо хайрамақдам гуфта, барои иштирокатон дар чорабинии имрӯза изҳори сипос менамоям.

Ҳамзамон сипоси ин ҷонибро ба созмондиҳандагони нишасти имрӯза барои фароҳам овардани шароити муносиби корӣ иброз медорам.

Ин ҳамоиишро мо боз як фурсати муносиб барои муаррифии бештару хубтари имкониятҳои воқеии ҳамкориҳои минбаъдаи тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузории ду кишвар медонем.

Чанде қабл вохӯрии мо бо Президенти Конфедератсияи Швейтсария Ҷаноби Олӣ Ули Маурер анҷом ёфт.

Ман дар ҳузури Ҷаноби Олӣ изҳор намудам ва бори дигар таъкид менамоям, ки густариши равобити ҳамаҷониба бо Конфедератсияи Швейтсария дар сиёсати хориҷии мо ҷойгоҳи хосса дорад ва Тоҷикистон онро яке аз кишварҳои дӯст, шарики муҳим ва боэътимоди худ дар арсаи байналмилалӣ медонад.

Аз замони барқарор гардидани муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар робитаҳои гуногунҷанбаи ҷонибҳо густариш ёфта, мазмуну мундариҷаи навро касб карда истодаанд.

Яке аз муҳимтарин соҳаҳои равобити Тоҷикистон ва Швейтсария ин ҳамкорӣ баҳри рушд мебошад.

Дар ин самт лоиҳаҳои гуногун дар соҳаҳои тандурустӣ, иқтисод, захираҳои обу энергетика, ҳамзамон дар самти рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон тариқи ниҳодҳои дахлдори Конфедератсияи Швейтсария маблағгузорӣ мешаванд.

Ҷониби Тоҷикистон аз сатҳи татбиқи онҳо изҳори қаноатмандӣ менамояд.

Ҳамзамон, мо барои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, аз ҷумла дар ҷодаи бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ҳавасмандӣ зоҳир менамоем.

Дар ин соҳаҳо лоиҳаҳои сатҳашон милливу минтақавӣ омода шудаанд, ки татбиқи муштаракашон бар нафъи ҳар ду ҷониб хоҳад буд.

Бо ин мақсад тавсеаи пояи шартномавию ҳуқуқи ҳамкориҳо, фаъолсозии муколамаи сиёсӣ, гузаронидани бизнес-форумҳо ва ҳар гуна намоишгоҳҳо, амиқсозии робитаҳои башарӣ амри зарурӣ арзёбӣ мегардад.

Айни ҳол Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи Швейтсария барои кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди татбиқ қарор доранд, ки ҳадафҳои асосияшон ҷиҳати таъмини рушди босуботи Тоҷикистон ба ҳам тавъам мебошанд.

Мо итминони комил дорем, ки дар доираи татбиқи ин ду санад метавонем ҳамкории барои ҷонибҳо судмандро густариш диҳем.

Аз пешниҳоди ҷониби Швейтсария оид ба таъсиси гурӯҳи корӣ ҷиҳати татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқбол мегирем.

Мақомоти марбутаи Тоҷикистон омода ҳастанд дар ин самт бо сохторҳои дахлдори Швейтсария ҳамкорӣ намоянд.




Дар баробари ин мо ба афзоиш додани ҳаҷми тиҷорати миёни ду кишвар афзалият медиҳем.

Ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар дар нуҳ моҳи соли равон каме зиёда аз 130 миллион долларро ташкил дод.

Дар кишвари мо зиёда аз 25 ширкати швейтсариягӣ ё ширкатҳои муштарак бо кумаки сармоягузории Швейтсария дар соҳаҳои мухталифи иқтисод фаъолият мекунанд.

Ҳамкориҳои самарабахши ширкати швейтсариягии "Глинкор" бо ширкати алюминии тоҷик "ТАЛКО" намунаи умедбахши ҳузури ҷониби Швейтсария дар иқтисоди кишвари мо мебошад.

Дар давоми 12 соли охир ҳаҷми умумии гардиши тиҷорат миёни ин ду ширкат ба зиёда аз 4,7 миллиард доллари амрикоӣ расид.

Тибқи шартномаҳои мутақобила, дар назар аст, ки дар давоми панҷ соли оянда ба маблағи 1,3 миллиард доллари амрикоӣ интиқоли мутақобилаи молу маҳсулот сурат гирад, ки худ далели возеҳи муносибатҳои стратегии ин ду ширкат мебошад.

Тайи даҳ соли охир аз ҷониби сармоягузорони Швейтсария ба иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамагӣ 167 миллион доллар сармоя ворид гардидааст.

Аз ин маблағ 96 миллионаш сармоягузории мустақим ва 71 миллионаш қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардидаро ташкил медиҳанд.

Дар робита бо ин қайд карданиам, ки аз соли 2007 то соли ҷорӣ ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба иқтисоди кишвари мо маблағи 9,5 миллиард долларро ташкил дод ва ҳиссаи сармояи ҷониби Швейтсария ҳамагӣ 1,9 фоизро ташкил медиҳад.

Албатта, ин нишондиҳандаҳо, бо дарназардошти тамоми имкону захираҳои мавҷудаи кишварҳоямон, моро қонеъ карда наметавонанд.

Итминон дорам, ки — бо истифода аз зарфиятҳои фарохи дар ин ҷода мавҷуда — фаъолияти сармоягузорӣ ва тиҷоратии соҳибкорони Швейтсария дар Тоҷикистон ба таври назаррас густариш хоҳад ёфт.

Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ пайваста чораҳои зарурӣ меандешад.

Дар ин замина қонунгузории мамлакат дар соҳаи тиҷорату иқтисод ба меъёрҳои байналмилалӣ созгор гардонида шуда, дар он кафолатҳои ҳуқуқии ҳимояи сармоягузорон таъмин гардидаанд.

Танҳо дар се соли охир бо мақсади мутобиқ гардонидани иқтисоди кишвар ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо зиёда аз 100 санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла зиёда аз 40 қонунҳои нав қабул гардида, ба санадҳои меъёрии ҷорӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Дар маҷмӯъ, барои соҳибкорон беш аз 100 ва барои истеҳсолкунандагони мол 50 сабукиҳо ва имтиёзҳо пешбинӣ карда шудааст.

Ҷониби Тоҷикистон Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳидро "Дар бораи эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражи хориҷӣ", инчунин Конвенсияи Гаагаро "Дар бораи апостил" ба тасвиб расонид.

Мавриди иҷро қарор гирифтани ин санадҳо тартиби ба қайд гирифтани фаъолияти соҳибкоронро сода гардонида, ҳифзи ҳуқуқии онҳоро тақвият мебахшад.

Ҷорӣ намудани низоми равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ бошад, муҳлати гузаронидани чунин амалиётро хеле кам кард.

Дар заминаи ислоҳоти номбаршуда Тоҷикистон дар солҳои охир мавқеи байналмилалии хешро аз лиҳози бақайдгирии бизнес, андозбандӣ, дастрасӣ ба қарзҳо ва тиҷорати байналмилалӣ то андозае боло бурд.

Чунончи, дар рейтинги "Пешбурди Бизнес"-и Бонки ҷаҳонӣ Тоҷикистон чор маротиба, аз ҷумла барои соли 2020 ба рӯйхати кишварҳои пешсафи ислоҳотгар шомил гардид.

Дар баробари ин, тибқи таҳлилҳои омории Ташкилоти ҷаҳонии сайёҳӣ, Тоҷикистон ба қатори даҳ кишвари ҷолиб барои сайёҳон шомил гардид.

Ин ва дигар нишондиҳандаҳо гувоҳи онанд, ки мавқеи байналмилалии Тоҷикистон аз нигоҳи дастгирии сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ тадриҷан баланд гардида истодааст.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Меҳоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба чанде аз соҳаҳои мушаххас, ки ҷониби Тоҷикистон барои ҳамкорӣ дар онҳо бо ширкатҳои Швейтсария манфиатдор ҳаст, ҷалб намоям.

Самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузории Тоҷикистон ва соҳаҳои ояндадори иқтисоди он бо дарназардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои мавҷудаи табиӣ ва дигар хусусиятҳои худии он муайян гардидаанд.

Маълум аст, ки зербинои асосии рушди устувори иқтисод энергетика мебошад. Тоҷикистон, бо вуҷуди надоштани захираҳои зиёди нафту газ, дорои сарвати азими истифоданашудаи гидроэнергетикӣ аст.

Мо ният дорем ин сарвати худро ба нафъи кишвар ва давлатҳои дигар истифода намоем ва дар ин ҷода омодаи ҳамкории созандаву мутақобилан судманд бо ҳамаи ҷонибҳои хоҳишманд ҳастем.

Бо ин мақсад Ҳукумати кишвар ҷиҳати бунёди неругоҳҳои нави барқи обӣ ва таҷдиди иқтидорҳои гидроэнергетикии мавҷуда, мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ, тадбирҳои амалӣ меандешад.

То имрӯз баҳри таъмини доимии аҳолӣ ва истеҳсолкунандагон бо "энергияи сабз" беш аз 1300 мегаватт иқтидорҳои иловагӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Дар айни замон корҳои сохтмонӣ дар неругоҳи бузурги барқи обии "Роғун" бо иқтидори 3600 мегаватт босуръат идома доранд ва соли ҷорӣ агрегати дуюми он мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар кишвари мо бо мақсади беҳтар намудани шароити инфрасохторӣ низ тадбирҳои лозима андешида мешаванд.

То имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 2 ҳазор километр роҳҳои мошингард, 190 километр роҳи оҳан ва зиёда аз 30 километр нақбҳои мошингузар мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Ҳадаф аз татбиқи ин лоиҳаҳо тавсеаи имконоти транзитии минтақа, аз ҷумла тавассути қаламрави Афғонистон дар самти бандарҳои Осиёи Ҷанубӣ мебошад.

Иштироки ҷониби Швейтсария дар амалӣ гардондани лоиҳаҳои инфрасохтории Тоҷикистон аз нигоҳи ба сатҳи сифатан нав баровардани ҳамкориҳои иқтисодӣ дар минтақа мусоидати фаъол хоҳад кард ва мо умед дорем, ки шумо, ҳозирини муҳтарам, онҳоро дар мадди назар хоҳед дошт.

Бахши истеҳсолоти саноатӣ метавонад самти дигари ояндадори ҳамкориҳои мо бошад.

Саноатикунонии босуръат яке аз ҳадафҳои муҳимми Ҳукумати Тоҷикистон қабул гардид ва барои татбиқи он фазои муфид фароҳам оварда шуда истодааст.

Самтҳои афзалиятноки рушди саноати Тоҷикистон — пеш аз ҳама — саноати кӯҳӣ, сабук ва хӯроквори, аз ҷумла коркарди маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо, нахи пахта, пилла ва умуман, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз ашёи хом ба ҳисоб меравад.

Дар кишвари мо ҳамчунин имкониятҳои хуб барои рушди саноати мошинсозӣ, кимиёвӣ, металлургия ва дигар соҳаҳои афзалиятноки истеҳсолӣ мавҷуданд.

Мо омодаем, ки дар дар ҳама самтҳои зикргардида бо сармоягузорони Швейтсария ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти гуногуни саноатии рақобатпазир ва содироти он ба бозорҳои бурунмарзӣ ҳамкорӣ намоем.

Дар ҳудуди кишвари мо панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис ёфта, инфрасохтори зарурии онҳо бунёд гардида истодааст ва мо аз ҳузури соҳибкорону сармоягузорони кишвари шумо дар онҳо истиқбол менамоем.

Тоҷикистон сарватҳои ғании табиӣ, аз ҷумла захираҳои об ва маъданҳои минераливу ғайриминералӣ, иқлими мусоид ва қувваи кории кофӣ дорад.

Барои мавриди истифода қарор додани ин имкониятҳо сармоя ва технологияҳои муосир лозиманд.

Тоҷикистон барои рушди соҳаҳои молия ва бонкдорӣ ҳавасманд аст ва соҳибкорону сармоягузорони Шветсария метавонанд фаъолияти худро дар ин арсаҳо низ ба роҳ монанд.

Яке аз соҳаҳои афзалиятноки кишвар, ки барои рушди он солҳои охир як қатор имтиёзҳо ҷорӣ гардиданд, соҳаи сайёҳӣ мебошад.

Тоҷикистон, ки 93 фоизи ҳудуди он кӯҳсор аст ва табиати нотакрор дорад, барои ташаккули намудҳои гуногуни сайёҳӣ, бахусус кӯҳнавардӣ, ва экологӣ имкониятҳои зиёд дорад.

Дар баробари ин мавҷудияти намудҳои гуногуни гиёҳҳои шифобахш дар кӯҳҳои Тоҷикистон барои рушди соҳаи дорусозӣ аз аҳамият холӣ нест.

Тавсеаи чорчӯбаи ҳамкориҳо дар ин соҳаҳо, бешубҳа, боз як омили муассири рушди самарабахши робитаҳои гуногунҷанбаи кишварҳоямон хоҳад гашт.

Пешниҳод менамоям, ки Шӯрои соҳибкорони Тоҷикистону Швейтсария таъсис дода шуда, дар соли оянда дар шаҳри Душанбе ҷаласаи нахустини он баргузор карда шавад.

Фаъолияти мунтазами Шӯрои мазкур ба истифодаи имконоти пешбурди соҳибкориву сармоягузории ҳар ду кишвар, такмили заминаҳои ҳуқуқии он, омӯзиши таҷрибаи ҳамкорӣ ва ҳалли дигар масоили алоқаманд мусоидат хоҳад кард.

**Ҳозирини гиромӣ,**

Иқтисоди Тоҷикистон бозорест, ки ҳанӯз пурра аз худ нашудааст ва имконоти фароху фаровони вусъат бахшидан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузориро доро мебошад.

Дар ин замина аз шумо даъват ба амал меорам, ки ҷиҳати ворид шудан ба иқтисоди рӯ ба тараққии мо қадамҳои дилпурона гузошта, дар рушду тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии кишварҳоямон саҳмгузор бошед.

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати "дарҳои боз" аст ва мо аз ҳама гуна иқдомоту пешниҳодоти нек ва созандаи шарикони байналмилалиамон, ки Конфедератсияи Швейтсария дар қатори муҳимтарини онҳо қарор дорад, ба хушӣ истиқбол менамоем.

Ба ҳамаи шумо саломативу саодати зиндагӣ, дар фаъолияти пурмасъули кориатон комёбиҳо ва дастовардҳои навин орзу менамоям.

**Саломат бошед!**

Боҷу хироҷ №46 (1195) Панҷшанбе, 14 ноябри соли 2019


# Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони соҳибкорон ва сармоягузорони Ҷумҳурии Франсия мулоқот намуданд



**7 ноябр дар доираи сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Франсия Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Париж бо намояндагони соҳибкорон ва сармоягузорони Ҷумҳурии Франсия мулоқот карданд.**

Дар мулоқот дурнамои ҳамкорӣ ва имконоту иқтидори Тоҷикистону Франсия барои густариши муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ муҳокима гардид.

Чорабиниро бо сухани муқаддимавӣ Раиси Шӯрои соҳибкорони Тоҷикистону Франсия Кристофф Фантен ифтитоҳ кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ва муаррифии имконоти сармоягузории Тоҷикистон мулоқоти имрӯзаро омили муҳими рушду тавсеаи ҳамкорӣ байни намояндагони соҳаҳои гуногуни ду кишвари дӯст арзёбӣ карданд.

Таъкид гардид, ки ҷониби Тоҷикистон ба сатҳи имрӯзаи муносибатҳои шарикӣ бо Франсия баҳои баланд медиҳад ва рушди равобити судманд бо онро дар сиёсати хориҷии худ аз самтҳои муҳим мешуморад.

Пешниҳод шуд, ки барои ба сатҳи нав баровардани муносибатҳои судманди тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузории ду кишвар тавсеаи ҳамкории байниҳукуматӣ дар бахшҳои ояндадор, аз қабили рушди минбаъдаи гидроэнергетика, инфрасохтори транзитӣ, саноат, аз ҷумла саноати сабук, хӯроквории ва химиявӣ, мошинсозӣ, металлургияи сиёҳ ва ранга, сайёҳӣ, коркарди маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаи кишоварзӣ то ба содирот баровардани он, амалӣ карда шавад.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои ҳамкорӣ дар доираи Шӯрои соҳибкорони Тоҷикистону Франсия, муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байни ширкатҳои ду кишвар баррасӣ гардида, таъсиси Агентии рушди Франсия дар Тоҷикистон зарур шумурда шуд.

Таъкид гардид, ки айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 20 ширкату коргоҳҳои фаронсавӣ фаъолияти пурсамар доранд.

Дар ҷараёни мулоқот бо доираҳои соҳибкорону сармоягузорони Франсия, ҳамчунин, захираҳои бойи табиии Тоҷикистон аз қабили об, сангҳои қиматбаҳо, металлҳои ранга ва сиёҳ, инчунин дигар канданиҳои фоиданок, имкониятҳои бузурги ҳамкорӣ дар бахши кишоварзӣ, парвариши меваҳои баландсифат, сабзавот ва пахта, муаррифӣ шуд.

Дар чорабинӣ аз тарафи Франсия намояндаи махсуси Вазорати умури Аврупо ва корҳои хориҷии Ҷумҳурии Франсия оид ба Осиёи Марказӣ, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Франсия дар Тоҷикистон, роҳбарони ширкатҳои бонуфузи Аэробус (AIRBUS) Клустер Монтейҷн (CLUSTER MONTAGNE), Фивз (FIVES), Групп Иннитера (GROUP INNITHERA), Сафран (SAFRAN), Шевер (SCHIEVER), Талес (THALES), Тотал (TOTAL), Трактебел Инҷиниринг (TRACTEBEL ENGINEERING) ва Медеф Интернасионал (MEDEF INTERNATIONAL) баромад карда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фароҳам оварданифазои мусоиди сармоягузорӣ баҳои баланд доданд ва ҳавасмандии худро баҳри иштирок дар рушду густариши иқтисодиёти Тоҷикистон иброз доштанд.

Дар охир аз доираҳои соҳибкорию сармоягузории Франсия даъват ба амал оварда шуд, ки ба Тоҷикистон ташриф оварда, бо имкониятҳои тиҷоратию сармоягузории кишвари мо аз наздик шинос шаванд.

Дар мулоқот байни ҷонибҳо мубоҳисаи хубу доманадор барои дарёфти роҳҳои нави ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ сурат гирифт. Дар ҳамин ҷо барои рушду густариши муносибатҳои тиҷоратӣ санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расонда шуд:

Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷинвест» ва Ассотсиатсияи «MEDEF International»-и Ҷумҳурии Фаронса.

Созишномаи ҳамкорӣ байни Ширкати "Талко"-и Тоҷикистон ва Ширкати фаронсавии Фивз (Fives) бо маблағи 200 миллион евро, дар марҳалаи аввал 52 миллион евро барои таҷдиди коргоҳи анодпазии "Талко". Мавриди зикр аст, ки 45 сол қабл коргоҳи анодпазӣ аз тарафи Ширкати "Фивз" сохта шуда буд.

Созишномаи сеҷонибаи ҳамкорӣ байни Ширкати Талко, Ширкати фаронсавии Фавз (Fives) ва Ширкати олмонии Риедҳаммер (Riedhammer) оид ба воридоти технологияи муосир барои коргоҳи анодпазии Ширкати Талко.

Созишномаи ҳамкорӣ байни Ширкати "Аэробус"-и аврупоӣ ва Ширкати ҳавопаймоии "Сомонэйр"-и Тоҷикистон оид ба ворид кардани чархболҳо.

Мавриди зикр аст, ки Ширкати "Сомонэйр" аллакай як адад чархболро ба Тоҷикистон ворид кардааст ва боз 5 чархболи дигар ворид мегардад.

Созишномаи байни ширкати фаронсавии "Лабаротория ИННОТЕК интернасионал" ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Сифат ФАРМА"-и Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фармасевтӣ.

Созишномаи ҳамкорӣ байни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Амид"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати "Шивер Групп"-и Ҷумҳурии Фаронса оид ба ташкил намудани маркази савдо дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд.

Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" ва Мактаби технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии "ITC School Ecole42".

# Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти ширкати байналмилалии «Гленкор» (Glencore International AG) Айван Глазенберг

**5 ноябри соли 2019 дар доираи сафари расмӣ дар шаҳри Берни Конфедератсияи Швейтсария Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти ширкати байналмилалии «Гленкор» (Glencore International AG) Айван Глазенберг мулоқот карданд.**

Дар ҷараёни мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо ин ширкат ва дигар корхонаҳои бонуфузи Конфедератсияи Швейтсария баррасӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, ки аз муҳимтарин соҳаҳои равобити ду ҷониб ба ҳисоб меравад, изҳори қаноатмандӣ карда, шарикии самараноки ширкати «Гленкор»-и Швейтсария бо «ТАЛКО»-и Тоҷикистонро дар соҳаи истеҳсоли алюминий намунаи хуби чунин ҳамкорӣ номиданд. Мавриди зикр аст, ки тайи 12 соли охир ТАЛКО ва Гленкор, дар маҷмӯъ, ба маблағи зиёда аз 4,7 миллиард доллари амрикоӣ амалиёти тиҷоратиро ба анҷом расониданд. Дар назар аст, ки давоми 5 соли оянда ин ду ширкат, тибқи қарордодҳои баимзорасида, ба маблағи якуним миллиард доллари амрикоии дигар ҳамкории тиҷоратӣ ва маблағгузорӣ хоҳанд кард.

Таъкид гардид, ки бо дарназардошти имконоти мавҷудаи Тоҷикистон ва иқтидори «Гленкор» ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ барои ҳар ду ҷониб судманд хоҳад буд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот оид ба дарёфти роҳҳои нави тавсеаи ҳамкории иқтисодиву тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ бо ҷониби Швейтсария, аз ҷумла бо ширкати «Гленкор» дар соҳаҳои гуногун, пеш аз ҳама, дар татбиқи лоиҳаҳои коркард то ҳолати ниҳоӣ дар конҳои маъдани тилло, нуқра, сурма ва синк табодули андеша карданд.

Истифодаи имкониятҳои ҳамкорӣ дар бахши энергетика ва дигар соҳаҳои истеҳсолии иқтисоди миллӣ, татбиқи Барномаи таҷдиди иқтидорҳои ширкати «ТАЛКО» ва саҳмгузории ширкати мазкур дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегии Тоҷикистон, яъне саноатикунонии иқтисоди мамлакат зарур шумурда шуд.

# Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо шаҳрдори Берни Конфедератсияи Швейтсария Алек фон Граффенрид мулоқот намуданд

**5 ноябр дар доираи сафари расмӣ дар Конфедератсияи Швейтсария Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шаҳрдори Берн Алек фон Граффенрид мулоқот карданд.**

Дар ҷараёни мулоқот масоили густариш ва барқарорсозии муносибатҳои дӯстию ҳамкорӣ бо ин шаҳри таърихии Конфедератсияи Швейтсария баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз истиқболи самимии шаҳрдорӣ изҳори сипос карда, таъкид доштанд, ки Конфедератсияи Швейтсария дар сиёсати хориҷии кишвари мо ҷойгоҳи хоса дорад ва Тоҷикистон онро яке аз кишварҳои дӯст, шарики боэътимоди худ дар арсаи байналмилалӣ медонад.

Таъкид гардид, ки айни замон Душанбе — пойтахти Тоҷикистон бо 18 шаҳри давлатҳои Осиё, Аврупо, Амрико, Африқо ва кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бародаршаҳр мебошад.

Бинобар ин, изҳори итминон карда шуд, ки барқарории робитаҳои бародаршаҳрии Берн бо пойтахти Тоҷикистон — шаҳри Душанбе ҷиҳати густариши робитаҳои дӯстонаи ду халқ ва тавсеаи муболилаи фарҳангӣ, илмӣ, зиёиён, ҷавонони ду кишвар, ҳамкорӣ байни муассисаҳои олии таълимии шаҳри Берн ва шаҳри Душанбе мусоидат хоҳад намуд.

Дар ҷараёни мулоқот ҳамчунин масъалаҳои вобаста ба рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои инфрасохтори сайёҳӣ, технологӣ, густариши равобити иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузории дуҷониба баррасӣ карда шуд.

**Таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидори дар низоми умумии андозбандӣ фаъолиятдоштаи вилояти Суғд нишон медиҳад, ки аксар корхонаҳои амалкунанда ҳангоми ҳисоб ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда муқаррароти Кодекси андозро дуруст риоя накарда, ба қонуншиканиҳо роҳ медиҳанд.**

# Ошкор кардани манбаъҳои воқеӣ



Мувофиқи маълумоти Раёсати андози вилояти Суғд иҷрои нақшаи андоз аз арзиши иловашуда дар 9 моҳи соли ҷорӣ, дар маҷмӯъ, 95,6 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 241,1 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 230,6 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки ба маблағи 10,5 млн. сомонӣ аз нақша кам мебошад. Нақшаи ин намуди андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Гулистон, Исфара, Конибодом, Бӯстон, Айнӣ, Зафаробод, Спитамен ва Ҷаббор Расулов иҷро нашуд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 23,2 млн. сомонӣ маблағ ворид нагардид. Маблағи ҳисобшудаи андоз аз арзиши иловашуда дар нуҳ моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 1,8 млн. сомонӣ, Исфара 406,5 ҳазор сомонӣ, Гулистон 142,5 ҳазор сомонӣ, Конибодом 1,3 млн. сомонӣ, бахшҳои шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд, аз ҷумла шаҳри Бӯстон 2,2 млн. сомонӣ ва ноҳияи Спитамен 653,0 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Сабаби асосии кам шудани маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз арзиши иловашуда ва иҷро нагардидани нақшаи андоз аз арзиши иловашуда дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, тавре аз раёсати андоз хабар доданд, дар он будааст, ки баъзе аз ширкатҳо амалиётҳои андозбандишавандаи ҳаҷми калонро бо болонархии ночиз анҷом дода, ба буҷет маблағи ночизи андоз аз арзиши иловашударо пардохт кардаанд ё умуман пардохт накардаанд. Масалан, дар ноҳияи Зафаробод амалиёти андозбандишаванда ҶДММ "Шараф 1" 41,4 млн. сомониро ташкил дода, аз ҷониби ҷамъият маблағи андоз аз арзиши иловашуда умуман пардохт нашудааст. Ба ҳамин монанд, ҶДММ "Исмоилов 2013" амалиёти андозбандишаванда 20,9 млн. сомонӣ, ҶДММ "Саидзода 63" амалиёти андозбандишаванда 13,1 млн. сомонӣ, ҶДММ "Қуллаи Меҳр" амалиёти андозбандишаванда 19,5 млн. сомониро ташкил дода, андоз аз арзиши иловашудаи он умуман пардохт нашудааст.

Бино ба маълумоти мақомоти андози вилояти Суғд дар 9 моҳи соли 2019 ҳаҷми умумии амалиёти андозсупорандагони вилоят 10,7 миллиард сомониро ташкил додааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 298,6 млн. сомонӣ кам мебошад. Аз ҷумла, амалиёти андозбандишавандаро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҶДММ "Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой" 749,4 млн. сомонӣ, ҶМДММ "Тоҷикистону Канадагии "Апреловка" 25,9 млн. сомонӣ, ҶДММ "Ҷавонӣ" ба маблағи 29,2 млн. сомонӣ, ҶСК "Корхонаи кимиёвӣ"-и шаҳри Исфара 27,5 млн. сомонӣ, ҶДММ "Астана"-и ноҳияи Б. Ғафуров 19,1 млн. сомонӣ, ҶДММ "Элегант"-и шаҳри Бӯстон ба маблағи 61,4 млн. сомонӣ, ҶДММ "Исотранс"-и шаҳри Гулистон ба маблағи 21,8 млн. сомонӣ кам кардаанд. Аз амалиёти умумии андозбандишаванда дар 9 моҳи соли 2019, ки маблағи 10,7 миллиард сомониро ташкил намудааст, 125,8 млн. сомонӣ ё худ 1,1 фоиз амалиёти бо меъёри 5% андозбандишаванда, 497,8 млн. сомонӣ ё 4,6 фоиз амалиёт бо меъёри 10% андозбандишаванда, 6,7 млрд. сомонӣ ё 62,6 фоиз амалиётҳои бо меъёри стандарти андозбандишаванда, 499,4 млн.сомонӣ-4,7 фоиз амалиёт бо меъёри сифрӣ ва 2,9 млрд. сомонӣ ё 27,1 фоиз ин амалиёти аз андозбандӣ озодро ташкил менамоянд. Қайд кардан зарур аст, ки аз амалиёти номбурда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта амалиёт бо меъёри 10-фоиза андозбандишаванда, яъне фурӯши ғалла ва ё маҳсулоти коркарди ғалла ба маблағи 213,1 млн. сомонӣ ва амалиёти аз андозбандии озод, яъне содироти нахи пахта ва консентратҳо ба маблағи 822,0 млн. сомонӣ кам шудааст.

Таҳлилу муқоисаи нишондиҳандаҳои оморию андозӣ нишон медиҳанд, ки корхонаҳои ба воридот ва коркарди гандум машғулбуда, ҷорӣ гардидани сабукиҳои иловагии пешбининамудаи қонунгузориро ба инобат нагирифта, бо мақсади пинҳон намудани манбаъҳои воқеии андозбандӣ ба нишон надодани ҳаҷми пурраи коркарди гандум дар ҳисобот роҳ медиҳанд. Дар ин асос бо мақсади таъмини назорати андоз ва пурра ба ҳисоб гирифтани гардиши ғалла дар стансияҳои роҳи оҳани вилояти Суғд, муайян намудани субъектҳои аслии воридкунандаи ғалла дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2019 дидбонгоҳҳои назорати андозӣ ташкил карда шудааст, ки то имрӯз фаъолият доранд.

Корҳои назоратии мақомоти андоз ошкор намудааст, ки айни ҳол корхонаҳои ордбарорӣ бо мақсади пинҳон доштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти гандум бо истифода аз нозукиҳои қонунгузорӣ роҳу усулҳои дигаро пеша намуда, бо ҷамъиятҳои воридкунандагони гандум шартномаи иҷораи хатти истеҳсоли орд ва ё хизматрасонии коркард ба имзо расонида истодаанд, ки ин ба коҳишёбии манбаъҳои андозбандӣ оварда мерасонад. Аз ҷумла, коргоҳҳои ордбарории ҶДММ "Султони Ҳаким" ноҳияи Спитамен аз тарафи ҶДММ "Тоҷ Агро"-и ноҳияи Балҷувон, ҶДММ "Орди Кавсар"-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз тарафи ҶДММ "Сомон 2017"-и шаҳри Хуҷанд, ҶДММ "Моҳир"-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз тарафи ҶДММ "Навзар 1"-и шаҳри Бӯстон ва ҶДММ "Орди Суғд" аз тарафи ҶДММ "Анҳор" ба иҷора гирифта шудааст. Вобаста ба ин, қисми зиёди гандуми воридотӣ аз тарафи ҷамъиятҳои воридкунандагони гандум баъди бастани шартномаи иҷораи хатти истеҳсоли орд мушоҳида мегардад. Ё худ ҳолати дигаре, ки ба қайд гирифта шуд ин дар асоси шартномаи хизматрасонӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти ғаллагӣ ба роҳ мондани фаъолият аз тарафи корхонаҳои ордбарорӣ мебошад. Масалан, байни ҶДММ "Б. Шариф"-и ноҳияи Фархор бо ҶДММ "Суғдиён"-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз санаи 19.08.2019 "Шартномаи хизматрасонӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти ғаллагӣ" ба имзо расидааст. Илова бар ин ҶДММ "Суғдиён"- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо ҶДММ "Фаровон 1"-и шаҳри Гулистон, ҶДММ "Анҳор"-и шаҳри Бӯстон ва бо ҶДММ "Диловар"–и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров шартномаи хизматрасонӣ ба имзо расонидааст. Аз ин лиҳоз, шуъбаҳои нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна дар вилояти Суғд, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо истифода аз ваколатҳои хизматӣ барои пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз нисбати сохтакории пешбурди фаъолият, ки бо мақсади канорагирӣ аз андозбандӣ ба роҳ монда шудааст, мувофиқи вазъи воқеӣ баҳодиҳӣ ва чораҷӯӣ намоянд.

**Тоҳирҷон ШАРИФӢ,**
**вилояти Суғд**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Додон заявил миссии МВФ, что выступает против повышения налогов и тарифов

**Президент Молдавии Игорь Додон встретился во вторник с миссией МВФ, находящейся в Кишиневе, и сообщил экспертам, что выступает против повышения налогов и тарифов и рассчитывает на уступки в этом вопросе.**



Миссия МВФ прибыла в Кишинев, чтобы оценить процесс бюджетного планирования на 2020 год и обсудить перспективы сотрудничества после завершения действующей программы в марте следующего года. В середине августа парламент Молдавии одобрил пакет налоговых мер, которые являются условием получения финансовой помощи от международных партнеров.

«Подтвердил нашу твердую позицию о недопущении повышения налогов и тарифов, поскольку такие действия вредят экономическому росту, содействуют исходу населения из страны и не приносят ожидаемых положительных результатов. Мы полагаем, что принятые в этом направлении меры должны быть пересмотрены без ущерба для отношений с МВФ», - написал Додон на своей странице в Facebook.

В частности, он имел в виду утвержденную ранее правительством отмену льготной 10-процентной ставки НДС в сегменте HoReCa (услуги гостиничного бизнеса и общественного питания). Президент полагает, что изменение налоговой ставки может негативно отразиться на туристической отрасли.

Додон подтвердил готовность продолжать сотрудничество с МВФ по истечении срока нынешней программы при выполнении определенных условий, «направленных на надежное экономическое развитие, повышение уровня социальной защиты населения и подлинное укрепление системы публичных финансов».

«Молдавии нужна финансовая поддержка со стороны традиционных партнеров,.. однако главный упор будет сделан на внутреннюю политику, нацеленную на экономическое развитие, расширение налоговой базы и повышение инвестиционной привлекательности, исходя из национального интереса страны», - подчеркнул Додон, проинформировав членов миссии МВФ о намерении в ближайшее время запустить пакет мер, направленных на содействие экономическому росту страны.

Ранее премьер Молдавии Майя Санду сообщила, что республика может в этом году получить от МВФ транш в размере 46,5 миллиона долларов.

**Источник: https://ria.ru**

**Пурра ба қайди давлатӣ гирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо, инчунин дар заминаи хоҷагиҳои калони барҳамхӯрда таъсис ёфтани хоҷагиҳои нав яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ба шумор меравад.**

# Вазъият беҳбудӣ металабад

Дар асоси маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар нуҳ моҳи соли 2019 иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ба андозаи 97,4 фоиз таъмин гардидааст, ки аз нақшаи пешбинишуда 3,5 млн. сомонӣ кам мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ нақшаи пешбинишудаи андози ягона аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Шуғнон дар ҳаҷми 27,8%, Роштқалъа 83,4%, Бохтар 39,4%, Абдураҳмони Ҷомӣ 68,8%, Левакант 96,9%, Восеъ 86,2%, Муъминобод 83%, Фархор 85,7%, Панҷакент 67,5%, Ашт 77,8%, Деваштич 80,8%. Зафаробод 72,4%, Спитамен 90,1%, Бобоҷон Ғафуров 83,8%, Шаҳристон 89,5%, Турсунзода 97,6%, Нуробод 77,1%, Лахш 96%, Рӯдакӣ 87%, Сангвор 96,6%, Файзобод 98% ва Шаҳринав 96,7% иҷро шудааст, ки дар натиҷа, аз ин ҳисоб ба буҷет 7614,3 ҳазор сомонӣ андози ягона ворид нагардидааст.



Масъалае, ки имрӯз боиси ташвиш гаштааст, ин сари вақт ба мақомоти андоз пешниҳод нашудани эъломияи андози ягона аз ҷониби баъзе аз хоҷагиҳои деҳқонӣ аст. Тибқи муқаррароти моддаи 304 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ уҳдадоранд, ки ҳар сол то 1 марти соли ҷорӣ эъломияи андози ягонаро ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии қитъаҳои замини худ пешниҳод кунанд ва пардохти маблағи андозро тибқи тартиб ва андозаи муқарраршуда ба буҷет таъмин намоянд. Аммо, тавре аз таҳлилҳо бармеояд, аз ҷониби на ҳамаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ муқаррароти зикргардида риоя мегардад.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2019 дар ҷумҳурӣ шумораи супорандагони андози ягона 159578 адад (аз ҷумла, 154300 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда ва 5037 адад кооперативи тиҷоратӣ)-ро ташкил дода, танҳо аз ҷониби 145300 адад ё худ 91,4 фоизи хоҷагиҳои деҳқонӣ эъломияи андози ягона барои соли 2019 ба мақомоти андоз пешниҳод шудааст, ки тафовути шумораи хоҷагиҳои деҳқонии эъломияҳои худро пешниҳоднакарда 13758 адад ё 8,6 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи иттилои манбаъ, нишондиҳандаи рафти пешниҳоди эъломияи андози ягона аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда 13186 адад ё 8,6 фоиз ва аз ҷониби кооперативҳои тиҷоратӣ 572 адад ё 11,4 фоизро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқоние, ки эъломияи андози ягонаро барои соли 2019 ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд, 4760 адад ба вилояти Суғд, 6318 адад ба вилояти Хатлон, 2108 адад ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд, ки ин нишондод дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо аз ин ҳам пасттар мебошад.

Қобили зикр аст, ки пурра ба қайди давлатӣ гирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо бино бар зиёд будани шумораи хоҷагиҳо ва дар заминаи хоҷагиҳои калони барҳамхӯрда ташкил шудани хоҷагиҳои нав ба яке аз масъалаҳои ҷиддӣ барои мақомоти андоз табдил ёфтааст. Тибқи муқаррароти моддаи 21 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарандагони замин уҳдадоранд, ки заминро мувофиқи мақсад ва шартҳои муайяншуда истифода кунанд, аз бақайдгирии давлатӣ гузашта, андозҳои дахлдорро сари вақт ба буҷет пардохт намоянд. Ҳамзамон, дар асоси сархати 2 қисми 2 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" хоҷагиҳои деҳқонӣ уҳдадор шудаанд, ки пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳоро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, сари вақт иҷро намоянд.

Аммо чуноне аз таҳлилҳо бармеояд, аз тарафи баъзе хоҷагиҳои деҳқонӣ муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи дахлдор риоя намегардад. Чунин хоҷагиҳои деҳқонӣ пас аз гирифтани Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ё қарори дахлдор фаъолияти худро дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ нагирифта, вобаста ба фаъолияти худ ҳисоботро ба мақомоти дахлдор пешниҳод намекунанд, ки ин амал хилофи талаботи қонунгузорӣ мебошад.

Дар асоси маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ 182756 адад субъекти хоҷагидор барои таъсиси хоҷагии деҳқонӣ бо Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таъмин гардидаанд. Аз ин 159578 адад ё худ 87,3 фоиз (аз ҷумла, ба 154486 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда ва 5095 адад шахси ҳуқуқӣ дар шакли кооперативи тиҷоратӣ)–и он ҳамчун андозсупоранда - хоҷагии деҳқонӣ дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудааст, ки тафовути шумораи хоҷагиҳое, ки то ҳол фаъолияти худро дар мақомоти андоз ба қайд нагузоштаанд, 23178 адад ё 12,7 фоизро ташкил медиҳад.

Шумораи хоҷагиҳои дар қайди мақомоти андознабуда, мутаносибан дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба 15604 адад ё 96,8 фоиз, вилояти Хатлон 3359 адад ё 5,0 фоиз, вилояти Суғд 4336 адад ё 6,4 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, ба 1104 адад ё 3,4 фоиз баробар мебошад.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бақайдгирии пурраи хоҷагиҳои деҳқонӣ, ташкили дурусти кор дар ин самт ва ҳамзамон, ҷиҳати аз байн бурдани фарқият мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ҷиҳати таъсиси гурӯҳҳои (ситодҳои) кории доимоамалкунанда аз ҳисоби кормандони босалоҳияти ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, сохторҳои дахлдори шаҳриву ноҳиявӣ (шуъбаҳои омор, нозироти андоз, кишоварзӣ, мақомоти ҳудудии заминсозӣ) ва дигар сохторҳои марбута ҳамкориро хубтар ба роҳ монанд.

Ҳамзамон, аз ситодҳои таъсисшаванда талаб карда шавад, ки барои бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани хоҷагиҳои деҳқонии дар қайди мақомоти андознабуда, дар доираи талаботи қонунгузорӣ чораҷӯӣ намоянд. Инчунин, баҳисобгирии (инвентаризатсияи) пурраи Сертификатҳо оид ба ташкили хоҷагиҳои деҳқониро гузаронида, дар мавриди муайян гардидани ҳолатҳои бо хоҳиши истифодабарандагони замин, бо амр ва қарори суд ва дигар сохторҳои марбута оиди ба таври дахлдор истифода накардани замин ва бекор кардани ҳуқуқи истифодаи он, ба охир расидани мӯҳлати амали истифода, ба фонди захиравӣ гирифтани қитъаи замини қаблан вобасташуда ва дигар сабабҳои асоснок ҷиҳати аз эътибор соқит намудани қитъаи замини вобасташуда хулосаҳо омода созанд ва ҷиҳати даровардани тағйирот ба тавозуни замини ноҳия ва шаҳр чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, ба суроғаи истифодабарандагони замине, ки ба онҳо барои таъсис ва ташкили хоҷагии деҳқонӣ қитъаҳои замин ҷудо шудаанд, ҷиҳати ирсоли огоҳиномаҳо оиди дар қайди мақомоти андоз гузоштан ва ислоҳи камбудиҳо чораҷӯӣ кунанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Бизнес-форуми минтақавии бонувони соҳибкор

**Чанде пеш дар доираи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани «300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ» ва бахшида ба эълон гардидани солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" Бизнес-форуми минтақавии бонувони соҳибкор ва намоишгоҳ-фурӯши молу маҳсулот - ЭКСПО-2019 баргузор гардид.**

Дар чорабинии мазкур намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ, роҳбарони ассосиатсияҳои бонувони соҳибкор, шарикони рушд, коршиносони байналмилалӣ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.

Мақсад аз баргузор намудани чорабинӣ, албатта, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тақвият бахшидани фаъолияти соҳибкории бонувони ташаббускори тоҷик, ҳамзамон, тавсеаи дастрасии занон ба малакаҳои зарурӣ, ва дастгирии ҳунармандӣ миёни занон, бахусус, дар бахши саноати сабук махсуб меёфт.

Дар чорабинӣ муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Анварӣ, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Идигули Тағо, кордори Сафорати ИМА дар Тоҷикистон Ҷон Гинкел, муовини намояндаи доимии Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон Наоко Такасу, роҳбари намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, Мэрилин Джозефсон, роҳбари намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон Айтен Рустамова суханронӣ карда, оид ба фароҳам овардани имконият барои соҳибкории занон ва тадбирҳои дастгирии давлат барои пешбурди соҳибкории занон як қатор тавсияҳо пешниҳод намуданд.

Чорабинӣ се бахши асосиро дар бар мегирифт, ки вобаста ба заминаи ҳуқуқии соҳибкории иҷтимоӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, барномаҳои дастгирии васеъ намудани имкониятҳои занон дар минтақа, самтҳои иқтидории рушд дар соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, таърихи муваффақиятҳо ва иқтидории рушди минтақавӣ буданд.

Дар рӯзи дуюми Бизнес - форум мизи мудаввар дар мавзӯи "Рушди соҳибкории ҳунармандӣ дар Осиёи Марказӣ: аз стандартикунонӣ то фурӯши молу маҳсулот" ва сабақҳои коршиносон вобаста ба рангкунии маҳсулоти кулолӣ – сафолӣ, истеҳсоли лӯхтакҳо ва санъати гулдузӣ доир шуд.

Дар доираи чорабинӣ, инчунин, намоиши ярмаркаи маҳсулоти ҳунарҳои мардумии занҳои соҳибкор баргузор гардид.

**М. ҶУМЪА**

**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОЛЛ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

# Воридоти маблағи патент

**Дар асоси маълумоти Феҳристи ягонаи давлатӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 104662 соҳибкори инфиродии бо патент фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 152,5 млн. сомонӣ андозҳо ворид гардидааст.**



Вобаста ба ин, сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев гуфт, ки гарчанде воридоти маблағи андоз аз ҳисоби соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент амал мекунанд, дар 9 моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфтааст, вале ин нишондод дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо тамоюли камшавиро дорад. Махсусан, дар шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур (102,6 ҳазор сомонӣ), Фирдавсӣ (217,7 ҳазор сомонӣ), Ваҳдат (426,7 ҳазор сомонӣ), Варзоб (34,8 ҳазор сомонӣ), Муъминобод (85,2 ҳазор сомонӣ), Шамсиддин Шоҳин (17,7 ҳазор сомонӣ), Кушониён (56,5 ҳазор сомонӣ), Хуросон (17,5 ҳазор сомонӣ), Абдураҳмони Ҷомӣ (93,3 ҳазор сомонӣ), Қубодиён (16,5 ҳазор сомонӣ), Ҷайҳун (53,5 ҳазор сомонӣ), Левакант (11,6 ҳазор сомонӣ), Панҷакент (45,0 ҳазор сомонӣ), Ашт (10,0 ҳазор сомонӣ) ва Дарвоз (5,1 ҳазор сомонӣ) камшавии воридоти маблағи андозҳо ба назар мерасад.

Тибқи иттилои манбаъ, дар ҷумҳурӣ (бе дарназардошти ВМКБ) ба ҳолати 1 октябри соли 2019 маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент (бо дарназардошти изофапулиҳо) 37,7 млн. сомониро ташкил додааст. Маблағи изофапулиҳо нисбат ба аввали соли ҷорӣ, дар маҷмӯъ, ба андозаи 4921,4 ҳазор сомонӣ ва маблағи бақияи қарзи андозҳо ба андозаи 9,6 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони дар асоси патент фаъолияткунанда бе дарназардошти изофапулиҳои андоз дар мақомоти ҳудудии андоз 52,3 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 10,2 млн. сомонӣ ба вилояти Суғд, 13,9 млн. сомонӣ ба вилояти Хатлон, 19,1 млн. сомонӣ ба шаҳри Душанбе ва 9,1 млн. сомонӣ ба нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар аксари мақомоти ҳудудии андоз афзоиш ёфтааст. Бақияпулиҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 1510,4 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 2320,3 ҳазор сомонӣ, шаҳри Душанбе 3957,8 ҳазор сомонӣ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 1851,3 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Тавре Собирҷон Исоев мегӯяд, таҳлили бақияи қарзи андози соҳибкорони инфиродии бо патент амалкунанда нишон медиҳад, ки кор дар самти кам кардани бақияи қарзи андозҳо дар мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи паст қарор дорад, ҳарчанд, ки бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва бе татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, рӯёнидани онҳо ба буҷет имконпазир аст.

Шумораи соҳибкороне, ки бақияи қарзи онҳо то 300 сомониро ташкил медиҳад, 17828 нафар ё 49,3 фоизро ташкил медиҳад. Маблағи қарзи бавуҷудомада аз ҳисоби онҳо, дар маҷмӯъ, ба 2410,6 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Шумораи соҳибкороне, ки бақияи қарзи онҳо аз 300 то 1000 сомониро ташкил медиҳад, 9491 нафар ё 26,3 фоизро ташкил додаанд ва маблағи бақияпулиҳои онҳо, дар маҷмӯъ, ба 5110,6 ҳазор сомонӣ баробар мебошад.

Дар 9 моҳи соли 2019 аз шумораи умумии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда (87474 нафар) (бе дарназардошти ВМКБ) дар мақомоти ҳудудии андоз 31572 нафар ё 36,6 фоизи соҳибкорон маблағҳои патенти худро тариқи афзоянда пардохт накардаанд, ки аз ин ҳисоб ҳаҷми бақияпулиҳои бамиёномада дар як моҳ ба ҳисоби миёна 5,4 млн. сомониро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи шумораи соҳибкороне, ки маблағҳои патенти худро пардохт накардаанд, дар се моҳи аввали соли 2019 мутаносибан 31887 нафар ё 37,7 фоиз, дар шаш моҳи соли ҷорӣ 30275 нафар ё 34,9 фоиз ва дар нуҳ моҳи соли равон 32554 нафар ё 37,2 фоизро ташкил додаанд.

Шумораи соҳибкороне, ки маблағҳои патенти худро пардохт накардаанд, дар вилояти Суғд 10584 нафар ё 35,5 фоиз, вилояти Хатлон 8149 нафар ё 35,5 фоиз, шаҳри Душанбе 8649 нафар ё 42,0 фоиз ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 5173 нафар ё 36,6 фоизро ташкил медиҳад. Аммо ҳаҷми бақияпулиҳои бамиёномада дар ин давра дар вилояти Суғд мутаносибан 1,9 млн. сомонӣ, вилояти Хатлон 1,3 млн. сомонӣ, шаҳри Душанбе 1,7 млн. сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 860,5 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

Дар ин давра аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба 2184 адад ё 20,6 фоиз, вилояти Хатлон 1900 адад ё 23,3 фоиз, нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе 2084 адад ва ё 24,0 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, ба 1668 адад ё 31,8 фоизи шумораи умумии соҳибкороне, ки маблағҳои патенти худро пардохт накардаанд, оид ба пардохти саривақтии маблағҳои қарзи патент огоҳиномаҳо дода шудааст.

Хотиррасон мешавем, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.01.2017, №45 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тағйиру иловаҳо ворид гардидааст. Аз ҷумла, тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда баъзе аз номгӯи намудҳои фаъолият хориҷ ва дар таҳрири нав қабул шуданд, ки зарурати гузаштани азнавбақайдгирии соҳибкорони бо патент фаъолияткунандаро ба миён овард.

Тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз ба ҳолати 1 октябри соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи умумии соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро гузаштаанд (бо дарназардошти субъектҳое, ки аз рӯи гурӯҳҳои мазкур фаъолиятҳои худро қатъ намудаанд ва ба дигар гурӯҳҳо гузаштанд), 35046 адад ё 91,9 фоиз ва тафовути шумораи соҳибкороне, ки аз азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд, 2289 ададро ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор кардааст, ки ҷиҳати дуруст татбиқ намудани муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣро андешанд. Ҳамзамон, барои ташкили дурусти кор, ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва беҳтар кардани нишондиҳандаҳои корӣ тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# ЕС исключил из черного списка офшоров ОАЭ и Маршалловы острова

**Совет Европы (СЕ) внес изменения в черный список налоговых убежищ - стран и юрисдикций, которые не сотрудничают с Евросоюзом (ЕС) в части обмена информацией по налогообложению.**

В частности, из этого перечня исключены Объединенные Арабские Эмираты (ОАЭ) и Маршалловы острова. Основанием стали проведенные властями этих государств реформы, касающиеся обмена информацией о налоговых резидентах. Отмечается, что ОАЭ на сегодняшний день полностью соответствует нормам ЕС, а Маршалловы острова работают в этом направлении, но пока еще не соответствуют требованиям Евросоюза. Такие государства входят в «серый» список.

В черном списке стран Евросоюза остаются девять государств и юрисдикций: Американское Самоа, Белиз, Фиджи, Гуам, Оман, Самоа, Тринидад и Тобаго, Американские Виргинские острова и Вануату.

Из «серого» списка исчезли Албания, Коста-Рика, Маврикий, Сербия и Швейцария. В нем остаются Маршалловы острова, Палау, Турция, Кюрасао, Ангилья, Иордания и Вьетнам.

В СЕ отметили, что до конца этого года власти Армении, Боснии и Герцеговины, Ботсваны, Кабо-Верде, Иордании, Мальдив, Монголии, Черногории, Намибии, Республики Северная Македония, Палау, Таиланда и Вьетнама планируют подписать и ратифицировать договоренности с ЕС, касающиеся обмена информацией. После эти государства и юрисдикции будут соответствовать всем нормам Евросоюза в этом вопросе.

Напомним, в прошлом году ЕС исключил из черного списка офшоров Южную Корею, Монголию, Тунис, ОАЭ, Панаму, Гренаду, Барбадос и Макао.

**Источник: https://aif.ru**

**Ҳарчанд солҳои охир раванди ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул вусъат ёфтааст, аммо тавре аз омӯзишу таҳлилҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ҳолати андозбандии иҷорадиҳандагони молу мулк дар мақомоти ҳудудии андоз ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Зеро, ба ҳолати 1 октябри соли 2019 на ҳамаи объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд пурра ба андозбандӣ ҷалб гардидаанд.**

# Ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии иҷораи молу мулк



Тавре аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, ба ҳолати 1 октябри соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 16349 шахси воқеӣ ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулк дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудааст, ки масоҳати умумии объектҳои баиҷорадодашуда 593,7 ҳазор метри мураббаъро ташкил дода, маблағи умумии иҷорапулӣ ба 111,8 млн. сомонӣ баробар мебошад.

Ёдовар мешавем, ки тибқи талаботи қисми 4 моддаи 156 Кодекси андоз шахсони воқеӣ – резидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, уҳдадор мегарданд, ки ҳар сол то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ эъломия оид ба андоз аз даромадро ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд. Дар ин давра (бе дарназардошти субъектҳои дар давоми соли 2019 бақайдгирифташуда) аз шумораи 14972 адад иҷорадиҳандаи молу мулк бо ҷамъбасти соли 2018 аз тарафи 12316 нафар ё 82,3 фоизи иҷорадиҳандагони молу мулк эъломияҳои андоз аз даромад ба мақомоти андоз пешниҳод шуда, шумораи иҷорадиҳандагоне, ки эъломияҳои андоз аз даромади худро пешниҳод накардаанд, ба 2676 адад ё 17,8 фоиз баробар мебошад.

Нишондиҳандаи шумораи иҷорадиҳандагоне, ки эъломияҳои андозии худро бо ҷамъбасти соли 2018 ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд, мутаносибан дар шаҳри Душанбе ба 956 адад, вилояти Суғд 424 адад, вилояти Хатлон 375 адад ва нозиротҳои андоз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 460 адад рост меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳолати бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани иҷорадиҳандагони молу мулк, бо дарназардошти зичии аҳолӣ ва шумораи андозсупорандагони бақайдгирифташуда, дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Истаравшан, Деваштич, Спитамен, Зафаробод, Бобоҷон Ғафуров, Хуҷанд, Бӯстон, Бохтар, Хуросон, Дӯстӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Левакант, Ёвон, Кӯлоб, Восеъ, Данғара, Бохтар, Балҷувон, Хоруғ, Дарвоз, Варзоб, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Ҳисор, Турсунзода, Рашт ва Файзобод нокифоя мебошад.

Тавре гуфта мешавад, бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулки манқул ва ғайриманқул, пурра ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки манқул ва ғайриманқули аз ҷониби шахсони воқеӣ ба иҷорадодашуда, инчунин, оид ба сари вақт ва дуруст дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад, дар мақомоти ҳудудии андоз барномаи алоҳидаи компютерӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шудааст. Вобаста ба ин, бо дарназардошти тағйир ёфтани иҷорагирандагон, маблағи иҷорапулӣ, масоҳати объекти ба иҷорадодашуда мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки шартномаҳои иҷорадиҳандагони молу мулкро ҳамасола ба махзани маълумоти барномаи компютерӣ дохил ва маълумоти иҷорадиҳандагон дар ин самт мунтазам нав карда шаванд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони дар қайди мақомоти андозбуда (16349 адад), маълумоти 7525 адад ё 49,3 фоизи иҷорадиҳандагон ба махзани маълумоти барномаи компютерӣ ворид шудааст, ки нуқтаҳои ба иҷорадодаи онҳо, дар маҷмӯъ, 11904 ададро ташкил медиҳад.

Рафти ворид намудани маълумот ба барномаи компютерӣ барои соли 2019 аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 2883 адад ё 62,8 фоиз, вилояти Хатлон 1826 адад ё 66,1 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 41 адад ё 13,3 фоиз, шаҳри Душанбе 3181 адад ё 75,0 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 1464 адад ё 47,7 фоизро ташкил медиҳад.

Манбаъ афзуд, ки раванди ворид намудани эъломияҳои андоз аз даромади иҷорадиҳандагони молу мулк дар мақомоти ҳудудии андоз низ ба талабот ҷавобгӯ нест. Дар ин давра дар ҷумҳурӣ, эъломияҳои андоз аз даромади ҳамагӣ 9399 адад ё худ 62,8 фоизи онҳо ба махзани маълумот ворид шудааст, ки мутаносибан ин нишондод дар ВМКБ 13,3 фоиз, вилояти Суғд 62,8 фоиз, вилояти Хатлон 66,1 фоиз, шаҳри Душанбе 75,0 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 47,8 фоизро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи таъиноти объектҳои ба иҷорадодашуда нишон додаанд, ки дар ҷумҳурӣ 1966 адад объект ҳамчун хонаи истиқоматӣ, 8638 адад ҳамчун нуқтаи тиҷоратӣ ва 1519 адад ҳамчун дигар объектҳои молу мулк аз тарафи шахсони воқеӣ ба иҷора дода шуда, шумораи умумии нуқтаҳои ба иҷора додашуда, дар маҷмӯъ, 12123 ададро ташкил медиҳад. Маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба 1 метри мураббаъ аз рӯи ҳамаи объектҳои ба иҷорадодашуда дар ҷумҳурӣ ба 14,9 сомонӣ баробар мебошад.

Нишондиҳандаи маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба як метри мураббаъ аз рӯи ҳамаи объектҳои ба иҷорадодашуда дар ВМКБ ба 3,5 сомонӣ, вилояти Суғд 7,6 сомонӣ, вилояти Хатлон 8,2 сомонӣ, шаҳри Душанбе 32,7 сомонӣ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, ба 11,2 сомонӣ баробар мебошад.

Бо дарназардошти камбудиҳои ҷойдошта, ҳамчунин, ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани назорат ва ташкили махзани ягонаи иҷорадиҳандагони молу мулк ва назорати манбаъда, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки бақайдгирӣ ва аз қайдбарории иҷорадиҳандагони молу мулкро пурра тибқи барномаи компютерӣ ба роҳ монда, воридоти маблағи андозҳоро аз ин ҳисоб зери назорат қарор диҳанд ба барои таъмини пурраи эъломияҳои андозӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Назорати камералӣ чиро ошкор кард?



Гузаронидани корҳои назорати яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб рафта, бо мақсади пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андозсупорандагон ва ошкор гардидани маблағҳои пинҳоншуда ба роҳ монда мешавад.

Кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб ҷиҳати ошкор ва пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андозӣ дар 9 моҳи соли 2019 дар фаъолияти 92 андозсупоранда назорати камералӣ гузарониданд, ки дар натиҷа як қатор қонунвайронкуниҳои андозсупорандагон ошкор гардид.

Мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ нозироти андози шаҳр Парвиз Шарифов зикр кард, ки дар 9 моҳи соли ҷорӣ дар фаъолияти 92 андозсупоранда ба маблағи 7 миллиону 707 ҳазору 206 сомонӣ назорати камералӣ гузаронида шуда, аз ин 4 млн. 895 ҳазору 24 сомонии он ба буҷет ворид гардидааст.

Ҳамин тавр, дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Раҳматулло Муродов ба маблағи 17 ҳазору 858 сомонӣ, ҶДММ «Чакан» 5000 сомонӣ, ҶДММ «Қурбон» 1000 сомонӣ, ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ 141 ҳазору 442 сомонӣ, ҶДММ «Амин - 2010» 6578 сомонӣ, Мактаб интернати №1-и шаҳри Кӯлоб 20497 сомонӣ ва дигар ташкилоту корхонаҳо назорати камералӣ гузаронида шуд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Иностранным студентам хотят упростить прием на работу в России

**Иностранные студенты могут получить право устраиваться на работу в России без выдачи специальных разрешений, сообщает «Парламентская газета».**

Как пояснил один из авторов законопроекта вице-спикер Совета Федерации Ильяс Умаханов, согласно действующему законодательству, иностранный студент может подрабатывать без специальных разрешений на работу в России только в двух случаях: либо в период летних каникул, либо на предприятиях, созданных самими вузами.

«Это существенно усложняет положение иностранцев, приезжающих получать образование в России, их адаптацию в нашей стране», – сказал Умаханов.

Поправки предусматривают, что для устройства на работу иностранного студента будет достаточно, чтобы вуз уведомил Минтруд о том, что студент работает в свободное от учёбы время в условиях неполного рабочего дня.

«Другими поправками мы предлагаем уравнять таких студентов с россиянами в плане размера подоходного налога — для граждан России он составляет 13 процентов, а для иностранцев, работающих в нашей стране, он установлен на уровне 20 процентов», – рассказал сенатор.

Сообщается, что документ будет направлен в Госдуму в течение этой недели.

Ранее радио Sputnik сообщало о сфере, в которой можно зарабатывать до 250 тысяч рублей в месяц.

**Источник: https://ria.ru**

# Истифодаи нодурусти МНХ дар НФС-ҳо

**Дар шаҳру минтақаи Кӯлоб кормандони мақомоти андоз ҷиҳати иҷрои Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оид ба тамғагузории нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва назорати истифодаи тамғаҳо», ки аз 9 августи соли 2016 таҳти №291 ба тасвиб расидааст, нуктаҳои фурӯши сӯзишвориро таҳти назорати қатъӣ қарор дода, тадбирҳои зарурӣ меандешанд.**




Тавре муовини сардори Нозироти андози ноҳияи Ховалинг Убайдулло Қурбонов иттилоъ дод дар ноҳия 12 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ мавҷуданд, ки аз он 7 нуқта фаъолияткунанда буда, тамғагузорӣ шудаанд.

Мавсуф ҳамчунин, зикр кард, ки дар 9 моҳи соли равон аз тарафи ин нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ 123 ҳазору 131 литр бензин, 228 ҳазору 281 литр гази моеъ ва 34 ҳазору 933 литр солярка фурӯхтаанд.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд дар ноҳияи Ховалинг МНХ дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ба таври лозима насб гардидааст, мутаассифона, ҳастанд соҳибкороне, ки ҳангоми фаъолият аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода накарда, даст ба қонуншиканиҳои андозӣ мезананд. Кормандони нозироти андози ноҳия дар натиҷаи гузаронидани санҷиш маълум намуданд, ки 1 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ҳангоми фаъолият аз МНХ ба таври лозима истифода намекард, ки дар натиҷа нисбаташ бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2200 сомонӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, маблағи зикршуда ба буҷет пардохт гардидааст.

Ҳамин тавр, нисбати 2 нуқтаи фурӯши сӯзишвории дигар бо моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳод накардани ҳисобот ҷарима таъин кардаанд. Ҳамчунин, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 6 нуқтаи фурӯши сӯзишвориро барои дуруст пешниҳод накардани ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда тибқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 6 ҳазору 566 сомонӣ ҷарима намудаанд, ки аз ин ҳисоб 4 ҳазору 939 сомонӣ ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст.

Дар ноҳияи Фархор низ ба масъалаи насбу истифодаи тамғаҳо дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ диққати зарурӣ дода мешавад. Мутахассиси гурӯҳи хизматрасони бо шахсони ҳуқуқӣ нозироти андози ноҳия Аҳлиддин Тоҷиддинов иттилоъ дод, ки феълан дар ноҳияи Фархор 23 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки 19 ададаш фаъолияткунанда мебошанд. Танҳо ҶДММ «Сафариён А» -ро метавон мисол овард, ки дар моҳи октябри соли ҷорӣ 10 тоннаю 880 литр гази моеъ ба маблағи 36 ҳазору 992 сомонӣ, 3 тоннаю 200 литр бензин ба маблағи 21 ҳазору 440 сомонӣ ва 1 тоннаю 200 литр солярка ба маблағи 8 ҳазору 400 сомонӣ фурӯхтааст. ҶДММ «Муҳаммадҷони О» дар моҳи октябр 4 тоннаю 200 литр гази моеъ ба маблағи 14 ҳазору 280 сомонӣ, 1 тоннаю 960 литр бензин ба маблағи 12 ҳазору 936 сомонӣ фурӯхтааст.

Кормандони нозироти андоз дар ноҳияи Фархор дар 9 моҳи соли равон 5 нуқтаи фурӯши сӯзишвориро, ки ҳангоми фаъолият аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намекарданд, ҷарима намуданд. Аз ҷумла, ҶДММ «Сафариён А» бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2200 сомонӣ ҷарима гардид, ки маблағ пурра ба буҷети давлатӣ пардохт шуд. ҶДММ «Ҷурабек С» низ ба фурӯши сӯзишворӣ машғул мебошад. Ҷамъият ҳангоми фурӯш аз МНХ истифода намекард. Кормандони андози ноҳияро зарур омад, ки нисбаташ бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима намоянд. ҶДММ «Ҷурахон» низ аз ҳамин қабил нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории ноҳия мебошад. Соҳибмулк ҳангоми фурӯши сӯзишворӣ аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода накардааст, ки нисбаташ бо моддаи 614 ба маблағи 2200 сомонӣ ҷарима таъин намуданд.

Дар шаҳри Кӯлоб низ масъалаи насбу истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ дар фаъолияти нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар мадди назар аст. Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии Нозироти андози шаҳри Кӯлоб Парвиз Шарифов зикр кард, ки дар шаҳри Кӯлоб 25 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ арзи вуҷуд доранд, ки аз ин 17 нуқта фаъолият карда, 8 адад бо сабабҳои гуногун фаъолият намекунанд. Дар ин давра нисбати 1 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ - ҶДММ «Рӯмайсо - Ғ», ки аз МНХ ба таври бояду шояд истифода намекард, тибқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима таъин шудааст ва маблағ пурра ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**Санҷиши амалиётӣ як шакли назорати андоз буда, масъалаҳои ҳамчун супорандаи андоз дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудан, санҷиши дурустии маълумот дар бораи маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда, муайян намудан аз ҷониби корфармо барои иҷрои кор (хизматрасонӣ) ҷалб намудани коргарони кироя ва истифодаи дурусти мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро дар бар гирифта, баҳри пешгирии қонунвайронкуниҳо ва амалҳои номатлуб, ки боиси вайрон шудани қонунгузории андоз мегардад, чораҳо андешида мешаванд.**

# Ошкор шудани маблағҳои иловагии андоз



Санҷиши амалиётие, ки дар асоси Амрномаи сардори мақомоти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ аз 10 09 2019 таҳти рақами 168 дар фаъолияти андозсупорандагони Ҷамоати деҳоти Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва назорати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31. 08.2012 № 451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» ва назорати иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02. 05. 2013 № 210 «Дар бораи тартиби истифодаи МНХ-и дорои хотираи фискалӣ», баҳисобгирии шумораи воқеии коргарони кироя, нишон додани музди меҳнати кормандон, муайян намудани масоҳати амволи андозсупоранда ва дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ бо усули алтернативии андозбандӣ гузаронида шуд, камбудиҳои зиёдеро дар фаъолияти соҳибкорони ҷамоати деҳоти номбурда ошкор намуд.

Гурӯҳи корӣ ҳангоми гузаронидани санҷиши амалиётӣ дар фаъолияти 11 андозсупоранда муайян кард, ки онҳо 22 коргари кирояро бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намуда, шумораи онҳоро дар ҳисоботи андозӣ нишон надодаанд. Вобаста ба ин, ба маблағи 7645 сомонӣ андози даромаду иҷтимоӣ ҳисоб карда, аз соҳибкорон эъломияи иловагӣ қабул намуд.

Соҳибкори инфиродӣ Эраҷ Асроров дар Ҷамоати деҳоти Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ – фурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул буда, як нафар коргари кирояро бе қайд дар мақомоти андоз ва тартиб додани шартномаи меҳнатӣ аз моҳи январи соли 2019 ба кор ҷалб намудааст. Ҳамчунин, маблағи андозҳоро аз манбаи пардохт нигоҳ надошта, дар мақомоти андоз пардохт накардааст. Барои чунин қонунвайронкунӣ нисбати соҳибкор Эраҷ Асроров 3040 сомонӣ (1040 сомонӣ андози даромад ва 2000 сомонӣ андози иҷтимоӣ) барилова ҳисоб ва ба буҷаи мамлакат пардохт карда шуд.

Дар рафти санҷиш, ҳамчунин 12 шахси воқеӣ ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулки ғайриманқул дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба маблағи 23580 сомонӣ андози амволи ғайриманқул ва 1910 сомонӣ андоз аз даромади иҷора ба буҷа пардохт гардид. Ҳамзамон, ба маблағи 3750 сомонӣ аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда, 9300 сомонӣ аз ҳисоби соҳибкороне, ки тавассути шаҳодатнома фаъолият доранд ва 31000 сомонӣ аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ маблағҳои қарзи андоз руёнида, ба буҷет пардохт карда шуд.

Гурӯҳи корӣ 15 нафар шахси воқеиро низ, ки дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буданд, ошкор сохт. Аз ҷумла дар 1 ҳолат ба фаъолияти толори варзишӣ, 4 ҳолат ба хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум, 1 ҳолат хизматрасонии сантехникӣ, 1 ҳолат устои вулканизатсия, 2 ҳолат оид ба мошиншӯӣ, 1 ҳолат устои сангтарош, 1 ҳолат нуқтаи бозиҳои компютерӣ, 1 ҳолат фурӯши таомҳои миллӣ, 1 ҳолати истеҳсоли обҳои маъданӣ ва 2 ҳолати истеҳсол ва фурӯши дару тирезаҳои пластикӣ машғул гардидани шахсони воқеиро ошкор намуд, ки дар натиҷа, нисбати 9 нафар шахси воқеӣ бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 14850 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, 1 нафар шахси ҳуқуқӣ (намояндагӣ) 5 нафар бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ, 9 нафар бо патент таъмин карда шуд.

Хулоса, Гурӯҳи корӣ дар Ҷамоати деҳоти Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ ба маблағи 100705 сомонӣ (бе дарназардошти маблағҳои ҷаримаҳои маъмурӣ) маблағҳои иловагии андозро ошкор ва ба буҷа пардохт намуд. Инчунин, нисбати 13 андозсупоранда барои дағалона вайрон намудани талаботи қонунгузории андоз ба маблағи 21835 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб ва ҷарима кард. Дар ҷараёни санҷиш 5 нафар бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ, 9 нафар бо патент, 15 нафар коргари кироя бо шартномаҳои меҳнатӣ таъмин карда шуданд. 5 нафар соҳибкор бо мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ таъмин ва 12 нафар шахси воқеӣ, ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулк, ба қайд гирифта шуданд.

Вобаста ба ин, мақомоти андози ноҳияи Рӯдакӣ вазифадор шуданд, ки ки корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотиро бо андозсупорандагон беҳтар ба роҳ монанд, гузаронидани семинар-машваратҳу вохӯриҳо, таҳияи намоишҳо ва ташкили мусоҳибаҳои кориро дар байни андозсупорандагон вусъат бахшанд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА,**
**ноҳияи Рӯдакӣ**

# Корҳои назоратӣ - омили бартараф намудани камбудиҳо

**Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз, тавре маълум аст, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад. Мақомоти андози кишвар имрӯз тавонистааст, ки оид ба пешниҳод намудани ҳисоботи электронии андозӣ ва дигар хизматрасониҳо шароити мусоиди кориро ба андозсупорандагон фароҳам оварад.**



Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки имрӯз андозсупоранда – шаҳрванд бо як ҳисси масъулиятшиносӣ, ба худандозбандии фаъолияти соҳибкориаш майлу рағбат пайдо намояд, то ин ки мақомоти андоз аз татбиқи механизмҳои назоратӣ – маҷбуркунӣ канорагирӣ намояд.

Мутобиқи талаботи моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз уҳдадориҳои асосии андозсупоранда (агенти андоз) дар он инъикос меёбад, ки онҳо бояд уҳдадориҳои андозиро сари вақт ва дар ҳаҷми пурра иҷро намоянд. Дар баробари ин, дар Кодекси андоз бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкории хурду миёна, ки ба рушди иқтисодиёт мусоидат мекунанд, як қатор имтиёзҳо ва сабукиҳои иловагӣ пешбинӣ шудааст. Раванди корҳои таҳлилӣ ва назоратии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода истодааст, ки мутаассифона, як гурӯҳи муайяни андозсупорандагон аз ин сабукӣ ва имтиёзҳои андозӣ суистифода намуда, ба пинҳонкунии манбаъҳои андозбандӣ, пурра ва сари вақт пардохт накардани андозҳо, дуруст ва ба таври пурра нишон надодани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии худ ва умуман, бекайд дар мақомоти андоз машғул гардидан ба фаъолияти соҳибкорӣ даст зада истодаанд.

Ин аст, ки Гурӯҳи корӣ дар асоси Амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2009, №508 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 барои санҷиши дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо аз тарафи ошхона, тарабхона, қаҳвахона, марказҳои дилхушиву савдо, мағозаҳо, фаъолият дар соҳаи бизнеси бозӣ, назорати таҳвили (фурӯши) молҳои зераксизӣ, истеҳсол ва банду басти молу маҳсулот аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе фаъолият мекунанд, сафарбар гардид, як қатор камбудиҳо ва қонуншиканиҳои соҳаи андозро муайян ва ошкор намуд .

Тавре роҳбари Гурӯҳи корӣ- сардори шуъбаи Расёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов қайд намуд, аъзои гурӯҳ бо мақсади иҷрои талаботи фармоиши мазкур дар якҷоягӣ бо кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 21-уми октябри соли 2019 дар кӯчаи "Дӯстии халқҳо 47" корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузаронида, ҳамзамон маҷмааи бисёрфунксионалии биноҳои баландошёна бо марказҳои савдою хизматрасонӣ ва таваққуфгоҳи зеризаминиро, ки сохтмонаш аз ҷониби ҶДММ "Роҳи Нек" давом дошт, мавриди санҷиши амалиётӣ қарор доданд.

Ҳангоми талаб намудани ҳуҷҷатҳои сохтмонӣ маълум гардидааст, ки тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 6 сентябри соли 2018, №603 барои сохтмони маҷмааи бисёрфунксионалии биноҳои баландошёна бо марказҳои савдою хизматрасонӣ ва таваққуфгоҳи зеризаминӣ ба шаҳрванд Суҳроб Исроилов тааллуқ дошта, ҷамъияти мазкур дар асоси ваколатнома оид ба фаъолияти якҷоя корҳои сохтмониро анҷом дода истодааст.

Дар рафти гузаронидани саҷиши амалиётӣ муайян гардид, ки дар сохтмони мазкур 25 коргари кироя барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ҷалб гардида, корҳои сохтмонӣ дар ошёнаи 5 –ум идома дорад. Мутаассифона, ҶДММ "Роҳи Нек", ки дар Нозироти андозсупорандагони миёнаи ноҳияи Сино ҳамчун ҳисоботдиҳанда ба қайд гирифта шудааст, фаъолияти сохтмонии худро дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ бе гирифтани РСБ ва кушодани филлиалу намояндагӣ ба роҳ мондааст. Дар натиҷа, Гурӯҳи корӣ ҷамъияти мазкурро бо РСБ таъмин намуд.

Ш. Авғонов илова намуд, ки таҳлил ва корҳои назоратӣ нисбати андозсупорандагон нишон медиҳад, ки фарҳанги андозсупории баъзе андозсупорандагон ҳанӯз ҳам дар сатҳи паст қарор дорад. Аз ин рӯ, мақомоти андоз пайваста кӯшиш менамояд, ки бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинармашваратҳо фарҳанги андозсупории андозсупорандагонро баланд бардоранд. Андозсупорандагонро низ зарур аст, ки қонунгузории андозро дуруст риоя намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Шарҳи қарор ба соҳибкорон

**26 октябри соли ҷорӣ дар ҶДММ "Олуча" бо иштироки намояндагони мақомоти андоз ва андозсупорандагон семинар-машварат доир гардид.**

Сараввал сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони раёсати андоз дар шаҳри Душанбе И. Муродҳусейнов баромад намуда аз қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, №45 ёдовар шуд, ки дар асоси он ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тағйиру иловаҳо ворид гардидааст.

Тағйиру иловаҳои воридгардида дар асоси таклифу дархостҳои андозсупорандагон, ки ҳангоми гузаронидани семинар- машваратҳо, тавассути почтаи электронии (info@andoz.tj) ва телефони "боварӣ"-и Кумитаи андоз ба Гурӯҳи итилоотӣ бо рақами содакардашудаи "151" пешниҳод намуда буданд, қабул гардидааст.

Хотиррасон мешавам, ки ба қарори мазкур " Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд" бандҳои 4, 5 ва 6 дар таҳрири нав иловаҳо ворид гардид, ки аз муқаррароти зерин иборат мебошанд:

а) бо мақсади ҳавасманд гардонидани соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ва ҷиҳати сари вақт ворид шудани маблағи патент, тибқи банди 4 иловагардида, соҳибкорони инфиродие, ки маблағи патентро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда пешпардохт менамоянд, маблағи умумии пардохт барои патент ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад:

б) тибқи банди 5 иловагардида, ҷиҳати назорати рафти иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ маъмурияти бозорҳо, марказҳои савдо, инчунин, ташкилотҳое, ки ба фаъолияти хизматрасонии наклиётӣ машғул мебошанд, минбаъд уҳдадоранд, ки ҳар семоҳа маълумотро ба тавri электронӣ оид ба чунин субъектҳо, масоҳати ишғолнамуда бо нишондоди раста ва ҷойи фаъолият, ба мақомоти ишғолнамуда ба мақомоти андози маҳалли қайди худ пешниҳод намоянд;

Тағйиру иловаҳои зербанди мазкур, асосан, барои пурра ба ҳисоб гирифтан, сари вақт ворид намудани маблағи патенти андозсупорандагон, муайян намудани шумораи дақиқи субъектҳо, масоҳати ишғолнамуда бо нишондоди раста ва ҷойи фаъолият андозсупорандагони дар бозорҳо, марказҳои савдо, инчунин, ташкилотҳое, ки ба фаъолияти хизматрасонии наклиётӣ машғул мебошанд, пешбинӣ карда шудааст. Мутаассифона ҳоло ҳам дар бозору, марказҳои савдо, инчунин, ташкилотҳое, ки ба фаъолияти хизматрасонии наклиётӣ машғул мебошанд, ҳолатҳои бе қайди давлатии мақомоти андоз фаъолият намудани шаҳрвандон мушоҳида мешавад. Бахри пешгирӣ намудани чунин қонуншиканиҳо банди 5 қарори мазкур илова карда шуд. Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар даромадгоҳҳои мақомоти ҳудудии андоз ва дар сомонаи Кумитаи андоз (http://www.andoz.tj) ҷойгир карда шудааст, ки андозсупорандагон метавонанд маълумоти зарурӣ пайдо намоянд. Дар ҷадвали Стандартҳо ҳамаи намудҳои хизматрасониҳои мақомоти андоз дарҷ гардида, риояи муқаррароти он ҳангоми муносибат бо андозсупорандагон аз ҷониби ҳамаи воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ҳатмӣ мебошад.

Дар сурати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз риоя накардани талаботи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, дағалона вайрон намудани қоидаҳои рафтори корманди мақомоти андоз ва бе асосҳои кофӣ аз андозсупоранда барзиёд талаб намудани пардохти маблағи андозҳо метавонанд, нисбати амали (беамали) кормандони масъули мақомоти андоз тавассути почтаи электронӣ (info@andoz.tj), телефони "боварӣ"-и Кумитаи андоз ба Гурӯҳи иттилоотӣ бо рақами содакардашудаи"151" муроҷиат намоянд.

Сипас сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҷамолиддин Зокирзода зикр кард, ки тибқи рӯйхати барномаи компютерии мақомоти андоз қарздории андоз аз ҳисоби 270 нафар соҳибкори дар асоси патент фаъолияткунанда зиёда аз 200,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аз соҳибкорон талаб карда шуд, ки дар мӯҳлати кӯтоҳтарин қарзи андозҳоро пардохт намоянд. Дар семинармашварат, таъкид шуд, ки барои сари вақт насупоридани андозҳо барнома фоизҳо ҳисоб менамояд. Ҳамчунин гурӯҳҳои доимоамалкунанда корҳои назоратӣ мебаранд ва дар сурати ошкор шудани бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани шаҳрвандон дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима татбиқ карда мешавад.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Дафтари бақайдгирии санҷишҳо

## ба андозсупорандагон ройгон дастрас мешавад

**Кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд.**

Тибқи қонунгузории амалкунандаи кишвар ҳар як ниҳоде, ки ба корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷиши андозҳо сафарбар мешавад, бояд дар Дафтари қайди санҷишҳо, ки ба субъекти хоҷагидор аз ҷониби мақомоти андоз ройгон дода мешавад, маълумоти заруриро сабт намояд.

Тавре сардори шуъбаи Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шервон Фозилов иттилоъ дод, Дафтари бақайдгирии санҷишҳо дафтари бақайдгирии санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба ҳар як санҷиши гузаронидашудаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ворид мешавад. Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз тарафи субъектҳои хоҷагидор тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда мешавад.

**Мавсуф илова намуд, ки субъектҳои хоҷагидор вазифадоранд ҳар як санҷишро дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо сабт намоянд. Баъди ба субъектҳои хоҷагидор супурдани қарор оид ба гузаронидани санҷиш шахси мансабдори мақомоти санҷиш ва роҳбари субъекти хоҷагидор уҳдадоранд дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо маълумоти зеринро сабт намоянд:**

- *насаб, ном, номи падар, вазифаи ишғолнамуда, рақами шаҳодатнома (аз ҷумла шаҳодатномаи махсус), номи мақомоте, ки шаҳодатномаро додааст, муҳлати эътибори шаҳодатнома;*
- *дар вақти иштироки мутахассиси даъватшуда дар гузаронидани санҷиш- насаб, ном, номи падар, инчунин, рақами шаҳодатномаи хидматӣ, номи ташкилоте, ки намояндаи он мебошад ва дар сурати мустақил будани мутахассис, рақами шаҳодатномаи шахсӣ ва агар тибқи қонун фаъолияти мутахассиси даъватшуда бояд иҷозатнома дошта бошад, рақами иҷозатнома, номи мақомоте, ки иҷозатномаро додааст ва муҳлати эътибори иҷозатнома;*
- *сана ва вақти оғози санҷиш; мавзӯъ ва мақсади санҷиш.*

Шервон Фозилов, ҳамчунин, гуфт, ки Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз ба субъектҳои хоҷагидор тариқи ройгон дастрас карда мешавад ва ҳар як андозсупоранда уҳдадор аст, ки онро дошта бошад.

Ба иттилои ӯ то 1-уми октябри соли 2019-ум аз тарафи Кумитаи андоз 71486 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, аз ҷумла 46492 адад ба нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ва 24994 адад ба бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо тақсим карда шудааст, ки аз 46492 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба нозиротҳои андоз тақсим шуд, 43527 адади он ба андозсупорандагони амалкунанда дастрас шудааст, ки 93,6 фоизро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, аз 24994 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, ки ба бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо пешниҳод гардидаанд, 23683 адади он ба андозсупорандагоне, ки нав ба фаъолият шурӯъ намуданд, дастрас гардидааст, ки ин 94,8 фоизро ташкил медиҳад.

Аз 2330 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба мақомоти андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тақсимгардида 2181 адади он ба андозсупорандагон дастрас шудааст, ки ин 93,6 фоизро ташкил медиҳад. Дар вилояти Суғд аз 24949 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, 23856 адади он ба андозсупорандагон дастрас гардидааст, ки 95,6 фоизро ташкил медиҳад. Аз 19829 Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, ки ба андозсупорандагони вилояти Хатлон пешбинӣ шуда буд, 19027 адад дастрас шудааст, ки 96,0 фоизи таъминотро ташкил медиҳад. Ба ҳамин монанд, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 10012 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳои ҷудогардида, 8953 адади он ба андозсупорандагони амалкунанда дастрас гардидааст ва он 89,4 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе аз 12394 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо 11274 адади он ба андозсупорандагон дастрас шудааст, ки 91,0 фоизи таъминотро ташкил менамояд.

Ш. Фозилов бо такя ба таҳлили ҳисобот гуфт, ки шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки дар сурати ба итмом расидани Дафтарҳои бақайдгирии санҷишҳо ва мавҷуд будани талабот, сари вақт аз анбори Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иловатан китобҳоро дастрас ва ба андозсупорандагон тақсим намоянд.

Ёдовар мешавем, ки шахси мансабдори мақомоти санҷиш барои саркашӣ аз ворид намудани маълумот оид ба санҷиши гузаронидаистода дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо масъулияти муқаррарнамудаи қонунгузориро ба дӯш дорад. Ҳамчунин, роҳбари субъекти хоҷагидор, ки дар он санҷиш гузаронида шудааст, уҳдадор аст дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо сана ва вақти анҷоми санҷишҳо, ҳангоми ошкор гардидани вайронкунии шартҳо ва талаботи қонунҳо, тадбирҳое, ки аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти санҷиш нисбати субъекти хоҷагидор андешида шудаанд ва мулоҳизоти худ дар шакли «Розиам», «Розӣ нестам», «Ба эродҳо розиам»- ро зикр намояд. Дар сурати Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро надоштани субъектҳои хоҷагидор шахси мансабдори мақомоти санҷиш дар санади санҷиш сабтҳои дахлдор ворид менамояд.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки барои дастрас намудани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба мақомоти андоз муроҷиат кунанд ва ҳарчи зудтар дар фаъолияти худ аз он истифода намоянд. Дар сурати надоштани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо кормандони мақомоти андоз ва дигар ниҳодҳо уҳдадор мебошанд, ки дар фаъолияти чунин субъектҳо чорандешӣ намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Турция будет взимать с туристов до 22 долларов в неделю

**В 2020 году в Турции будет новый сбор на проживание в отелях в размере от 6 до 18 лир в сутки**



Комиссия по налогам и бюджету парламента Турции предложила ввести в будущем году новый сбор на проживание в отелях в размере от 6 до 18 лир в сутки. В случае его одобрения турист, который забронировал недельный отдых в пятизвездочном отеле, заплатит дополнительно 1,4 тыс. руб. (22 долл.), пишет Интерфакс.

Ранее в Турции по инициативе Минфина страны обсуждалось введение в 2020 г. налога с отельеров, которые должны были платить от 1% до 6% стоимости номеров в бюджет страну. В результате парламентская комиссия решила переложить налог на туристов. В случае принятия проекта закона, налог будет взиматься с каждого туриста старше 12 лет при проживании в отелях категории от 1* до 5*. В отелях 5* и бутик-отелях налог составит 18 лир или 200 руб. за ночь с человека, в отелях 4* — 12 лир за ночь (130 руб.), в отелях 3* — 9 лир (100 руб.), в апартотелях, отелях 1-2*, пансионах, мотелях и кемпингах — 6 лир (66 руб.).

Турецкие отельеры выступали против инициативы о введении налога на отельный бизнес, а в данный момент также выступили против налога с туристов. Глава Ассоциации отелей Эгейского моряМехмет Ишлер назвал это «наказанием туристической отрасли за ее успех».

**Источник: http://taxpravo.ru**

## Дональд Трамп поменял место жительства с Нью-Йорка на Флориду из-за налогов

**Президент США Дональд Трамп поменял постоянное место жительства с Нью-Йорка на Палм-Бич (штат Флорида) в связи с налоговыми вопросами, пишет ТАСС со ссылкой на The New York Times.**



Трамп в сентябре уведомил суд о том, что его постоянным местом жительства необходимо считать поместье Мар-а-Лаго во Флориде. Прежним местом постоянного проживания президент США был небоскреб Trump Tower на Пятой авеню Нью-Йорка. В Trump Tower находится штаб-квартира группы компаний Trump Organization, а также располагался предвыборный штаб республиканца в 2016 г.

**Источник: http://taxpravo.ru**

**Мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкунии андоз дар марказҳои савдо ва бозорҳои кишвар миёни андозсупорандагон пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) мебошад.**

# Хариди назоратӣ

## Он дар шаҳру ноҳияҳо дар кадом сатҳ қарор дорад?

Воқеан, мақсад аз гузаронидани санҷиши андоз, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба хотири минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда мебошад. Анҷом додани корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳим ва назарраси фаъолияти мақомоти андоз буда, бинобар ин, ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида қонунвайронкуниҳои андоз ҳанӯз ҳам дида мешавад.

Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти мақомот дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар самти таъмини андозсупорандагон бо МНХ-и дорои ТИЭ ва гузаронидани хариди назоратӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Илова бар ин, кормандони шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар фаъолияти андозсупорандагони вобасташуда хариди назоратӣ гузаронанд.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Авғонов изҳор намуд, дар давоми 9 моҳи соли 2019 дар мақомоти андоз 2954 адад хариди назоратӣ ба маблағи 11334,2 сомонӣ гузаронида шудааст. Аз ин маблағ, алҳол, 8121,1 сомонии он ба буҷет пардохт шудааст. Корҳо дар самти ситонидани бақияи қарзи ҷаримаҳои маъмурӣ идома дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки шумораи хариди ҳои назоратии гузаронидашуда дар нуҳ моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 60 адад (ба маблағи 1247,8 сомонӣ) зиёд мебошад. Дар ин давра аз тарафи шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз 427 адад ба маблағи 1988,6 сомонӣ, Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) 63 адад ба маблағи 216 ҳазор сомонӣ, Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) 278 адад ба маблағи 1060,9 сомонӣ, Раёсати андоз дар вилояти Суғд дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози вилоят 1025 адад ба маблағи 3363,1 сомонӣ, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози вилоят 469 адад ба маблағи 1816,5 сомонӣ, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳр 392 адад ба маблағи 1733,7 ҳазор сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 307 адад ба маблағи 1163,4 ҳазор сомонӣ хариди назоратӣ гузаронида шудааст. Қисми зиёди маблағи ҷаримаҳои маъмурии таъиншуда ба буҷет пардохт гардида, барои рӯёнидани маблағҳои боқимонда ҷораҷӯӣ идома дорад.

Инчунин, дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор 53 хариди назоратӣ ба маблағи 217,8 ҳазор сомонӣ, Турсунзода 54 адад ба маблағи 176 ҳазор сомонӣ, Рӯдакӣ 103 адад ба маблағи 360,9 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 89 адад ба маблағи 268,4 ҳазор сомонӣ, Исфара 78 адад ба маблағи 317,4 ҳазор сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 45 адад ба маблағи 114,4 ҳазор сомонӣ, Истаравшан 38 адад ба маблағи 150,2 ҳазор сомонӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ 36 адад ба маблағи 92,4 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 38 адад ба маблағи 85,8 ҳазор сомонӣ, Бохтар 26 адад ба маблағи 83,6 ҳазор сомонӣ, Ёвон 22 адад ба маблағи 107, 2 ҳазор соморнӣ, Шоҳмансур 74 адад ба маблағи 277,5 ҳазор сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 40 адад ба маблағи 203,5 ҳазор сомонӣ, Фирдавсӣ 75 адад ба маблағи 244,2 ҳазор сомонӣ ва Сино 59 адад ба маблағи 219,3 ҳазор сомонӣ хариди назоратӣ гузаронида шуда, як қисми маблағи он ба буҷет таъмин гардидааст.

Бо вуҷуди таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, фаъолияти мақомот дар самти назорати истифодаи МНХ, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани хариди назоратӣ аз ҷониби нозиротҳои андози баъзе аз шаҳру ноҳияҳо қаноатбахш нест. Яъне дар баробари ин ҳастанд шаҳру ноҳияҳое, ки дар он ҳамагӣ як хариди назоратӣ гузаронида шудааст ва ё умуман хариди назоратӣ гузаронида нашудааст. Аз ҷумла, дар давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Лахш 1 хариди назоратӣ ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ, Тоҷикобод 1 адад ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ, Варзоб 4 адад ба маблағи 13, 2 ҳазор сомонӣ, Нуробод 2 адад ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ, Сангвор 1 адад ба маблағи 4, 4 ҳазор сомонӣ, Шаҳристон 5 адад ба маблағи 11 ҳазор сомонӣ, Дӯстӣ 2 адад ба маблағи 6,6 ҳазор сомонӣ, Шаҳритус 3 адад ба маблағи 13,2 ҳазор сомонӣ, Данғара 2 адад ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ, Носири Хусрав 5 адад ба маблағи 13, 2 ҳазор сомонӣ, Леваканд 5 адад ба маблағи 11 ҳазор сомонӣ, Муъминобод 1 адад ба маблағи 4,4 ҳазор сомонӣ, Шамсиддин Шоҳин 1 адад ба маблағи 2,2 ҳазор сомонӣ ва Балҷувон 1 хариди назоратӣ ба маблағи 2,2 ҳазор сомонӣ гузаронидаанду халос. Инчунин, дар ин давра Нозироти андоз дар ноҳияи Темурмалик умуман хариди назоратӣ нагузаронидааст.

Ин ҳам дар ҳолест, ки аз ҷониби шуъбаи назорати фаврии Раёсати санҷиши андозҳо пайваста ба мақомоти ҳудудии андоз оид ба гузаронидани хариди ҳои назоратӣ ва пешниҳоди саривақтии ҳисобот ба мақомоти ҳудудии андоз барқияномаҳо ирсол шудааст. Тибқи барқияномаҳои ирсолгардида, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки дар як моҳ на кам аз 5 адад хариди назоратӣ гузаронанд.

Ин аст, ки бо мақсади тақвият бахшидан ва беҳтар кардани самаранокии гузаронидани хариди ҳои назоратӣ Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор намудааст, ки бо риояи талаботи муқаррарнамудаи Кодекси андоз ва мактубҳои супориши Кумитаи андоз дар фаъолияти андозсупорандагон хариди назоратӣ гузаронанд. Инчунин, давра ба давра камбудиҳои дар самти гузаронидани корҳои назоратӣ ҷойдоштаро ислоҳ карда, самаранокии фаъолияро дар ин самт беҳтар таъмин намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Бақияи қарзи андоз кам мешавад?

**Бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2019 702,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол ба андозаи 23,2 млн. сомонӣ кам гардидааст.**



*Сардори Раёсати ситонидани карзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокир Қурбонов мегӯяд, ки ҳарчанд дар ин давра бақияи қарзи андозҳо дар 64 шаҳру ноҳияи мамлакат дар ҳаҷмҳои гуногун кам гардидааст, мутаассифона, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Рашт 145,6 ҳазор сомонӣ, Сангвор 164,7 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 1471,2 ҳазор сомонӣ, Истаравшан 92,9 ҳазор сомонӣ, Кушониён 309,3 ҳазор сомонӣ, Шаҳритус 632,1 ҳазор сомонӣ, Сарбанд 179,3 ҳазор сомонӣ, Норак 1624,9 ҳазор сомонӣ, Хоруғ 28,7 ҳазор сомонӣ, Дарвоз 159,7 ҳазор сомонӣ, Ишкошим 44,6 ҳазор сомонӣ, ҳамчунин, шуъбаи суғдии Нозироти андозсупорандагони калон 2828,2 ҳазор сомонӣ, шуъбаи душанбегии Нозироти андозсупорандагони калон 6,0 млн. сомонӣ ва дастгоҳи марказии Нозироти андозсупорандагони калон 16,9 млн. сомонӣ зиёд шудааст.*

### ■ ВАЗЪИ ИҶРОИ ҚАРОРҲО

Дар нуҳ моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз, дар маҷмӯъ, 6955 адад қарор нисбати 4903 андозсупорандаи қарздор оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо бо маблағи умумии 810,9 млн. сомонӣ қабул гардидааст. Аз ҷумла, 3633 адад қарор бо маблағи 748,0 млн. сомонӣ дар бораи ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби андозсупоранда ва дебиторони вай, 22 адад қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулк ва маҳсулоти тайёр ба маблағи 10,2 млн. сомонӣ ва 3300 адад қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби пули нақди андозсупоранда ба маблағи 52,7 млн. сомонӣ қабул шудааст.

Аз ҳисоби қарорҳои мазкур 599,1 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2018 қабулгардида, ки иҷрои онҳо ба соли 2019 вогузор шуда буд, 32,6 млн. сомонӣ ба буҷет ворид шудааст, ки дар натиҷа, маблағи умумии ба буҷет воридкардашуда 631,7 млн. сомониро ташкил додааст, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 20,7 млн. сомонӣ ё 3,4 фоиз зиёд мебошад. Шумораи қарорҳои қабулгардида нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 1858 адад, ё 36,5 фоиз зиёд аст.

### ■ ЧОРААНДЕШИҲО

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо танҳо аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳо дар моҳи сентябри соли ҷорӣ, бе дарназардошти андозҳои ҳисобшудаи ҷорӣ, 53,5 млн. сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Аз 6955 адад қарори маҷбуран ситонидани қарзи андозҳои дар нуҳ моҳи соли 2019 қабулшуда 4518 адад ё 65,0 фоизи он иҷро гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 1495 адад зиёд мебошад. Аммо иҷрои қарорҳои оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати як қатор андозсупорандагони қарздор ба таври пурра таъмин нашуда, дар бархе аз нозиротҳои андоз маблағҳои аз ҳисоби қарорҳо воридшуда то 30 фоизро ташкил менамояд. Аз ҷумла, нишондиҳандаи мазкур дар шаҳру ноҳияҳои Лахш ҳамагӣ 16,9%, Нуробод 24,7%, Спитамен 24,4% ва Шаҳристон 15,6% иҷро шудааст.

То имрӯз иҷрои пурраи 696 адад қарори дар соли 2018 қабулгардида таъмин нашудаанд. Аз он ҷумла, дар нозиротҳои андоз дар вилояти Суғд 304 қарор, дар шаҳри Душанбе 185 қарор, шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд 36 қарор, шуъбаи НАМ дар шаҳри Душанбе 42 қарор, шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 21 қарор, Ҳисор 26 қарор, Рӯдакӣ 29 қарор ва Нозироти андозсупорандагони калон 37 қарор пурра иҷро нагардидаанд.

Яке аз сабабҳои сари вақт иҷро нагардидани қарорҳои мазкурро дар пурра ва ба таври дахлдор фаъолият накардани андозсупорандагон, нагузаронидани амалётҳои бонкӣ тариқи суратҳисоб аз ҷониби онҳо ва дар тавозуни худ надоштани молу мулки барои пушонидани уҳдадориҳои андозӣ кифоякунанда маънидод мекунанд. Сабаби дигар дар наандешидани тадбирҳои зарурӣ ва саривақтии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати таъмини иҷрои ин қарорҳо ба ҳисоб меравад.

### ■ БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗИ ИҶТИМОӢ

Бақияи қарзи андози иҷтимоии ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба санаи 1 октябри соли 2019-ум 24,7 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки он нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба андозаи 7,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Шаҳру ноҳияҳое, ки бақияи қарзи андози иҷтимоии ташкилоту муассисаҳои буҷетиашон нисбатан зиёд аст, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Зафаробод, Кушониён, Вахш, Абдураҳмони Ҷомӣ, Панҷ, Шаҳритус, Ёвон, Восеъ, Фархор ва Ховалинг ба ҳисоб мераванд.

Дар робита ба ин, кормандони мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ба масъалаи кам намудани бақияи қарзи андози иҷтимоии буҷетӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, нисбати шахсоне, ки ба пайдоиши бақияпулиҳои қарзи андоз роҳ додаанд, тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ намоянд. Ҳамчунин, баҳри ташкили дурусти кор, босифат анҷом додани корҳои назоратӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва хуб ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандагон имкон фароҳам оранд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.



Нархи обуна барои соли 2020 ҳамагӣ **65 СОМОНИРО** ташкил дода, манфиати маводи он ҷиҳати пешбурди самараноки соҳибкории шумо дар давоми сол ба маротиб зиёд хоҳад буд.



Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»


**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Удачливый американец второй раз за 18 месяцев выиграл в лотерею миллион долларов

**Жителя штата Массачусетс Рольфа Роудса смело можно назвать счастливчиком года. Мужчина сорвал в лотерее джекпот в 1 миллион долларов спустя 18 месяцев после аналогичного выигрыша.**

Как рассказал Рольф журналистам, счастливый билет мгновенной лотереи он взял на сдачу на заправочной станции Мендоне и был ошеломлен, когда узнал сумму своего выигрыша.

Самое удивительное, что в мае 2018 года мужчина выиграл 1 миллион долларов в похожей мгновенной лотерее под названием «Хит $1000». Билет он также случайно купил неподалеку от своего дома, сообщает Fox News.

После уплаты необходимых налогов, Рольф тогда получил на руки 650 тысяч долларов единовременным платежом. Новый выигрыш мужчина решил растянуть, и в течение следующих 20 лет ему будут выплачивать по 50 тысяч долларов в год.

Источник: https://news.mail.ru

# Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард:

## манбаю меъёр ва давраи андоз кадом аст?

**Як гурӯҳ андозсупорандагон ба редаксияи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» муроҷиат карда, хоҳиш намуданд, ки дар бораи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард маълумот диҳем. Барои рӯшанӣ андохтан ба ин мавзӯъ бо мутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Барфиев мусоҳиба анҷом додем, ки онро пешниҳоди хонандагон мегардонем.**

**- Киҳо супорандагони андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард маҳсуб меёбанд?**

- Дар асоси моддаи 248 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне супорандагони андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ба ҳисоб меравaнд, ки низоми умумии андозбандиро истифода менамоянд ва дорои объекти андозбандӣ мебошанд.

**- Объекти андозбандии андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард кадомҳоянд?**

- Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 249 Кодекси андоз ба объекти андозбандии андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард инҳо дохил мешаванд:

-Маблағи ҳамаи хароҷоти воқеии дар давраи ҳисоботии андоз барои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) дар ҳаҷми пурра анҷомдодаи (анҷомдодашавандаи) андозсупоранда. Хароҷот барои сохтмон, хариди воситаҳои асосӣ ва насб кардани онҳо, дигар хароҷоте, ки мутобиқи моддаи 153 Кодекси андоз хусусияти капиталӣ дошта, бояд минбаъд дар шакли ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ тибқи моддаи 118 Кодекси андоз тарҳ карда шаванд, объекти андозбандӣ эътироф намешаванд. 70 фоизи даромади умумии дар давраи ҳисоботии андоз гирифташудаи (гирифташавандаи) андозсупоранда, агар маблағи воқеан харҷшуда (харҷшавандаи) аз 70 фоизи даромади умумӣ зиёд набошад.

**- Оё барои истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар пардохти андоз имтиёзҳо муқаррар шудаанд?**

- Бале, мутобиқи моддаи 250 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба истиснои фаъолияти андозбандишаванда барои хизматрасониҳои пулакӣ, инчунин, иттиҳодияҳо ва ташкилоти динӣ, ташкилотҳои дигари ғайритиҷоратӣ ба истиснои хароҷот ба даромадҳои марбут ба фаъолияти соҳибкории онҳо, бо андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард андозбандӣ карда намешаванд.

**- Манбаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард кадом аст?**

- Тибқи талаботи моддаи 251 Кодекси андоз манбаи андози аз объекти андозбандӣ бароянда бо роҳи ҷамъ намудани ҳамаи маблағҳое, ки андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ дар ҳаҷми пурра харҷ




кардааст (бояд харҷ кунад), ҳисоб карда мешавад, аз ҷумла:

- хароҷот дар шакли пулӣ ва шакли молӣ барои молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо, ба истиснои пардохтҳо оид ба хароҷот барои сохтмон, хариди воситаҳои асосӣ ва насб кардани онҳо, дигар хароҷоте, ки мутобиқи моддаи 153 Кодекси андоз хусусияти капиталӣ дошта, бояд минбаъд дар шакли ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ тарҳ карда шаванд;

- хароҷоти дигаре, ки дар сарҳати якуми ҳамин қисм нишон дода нашудаанд, аз ҷумла хароҷоти коргарони кироя (хароҷоти фонди музди меҳнат).

2. Агар хароҷоти кардашуда (кардашаванда) аз 70 фоизи даромади умумӣ зиёд набошад, он гоҳ манбаи андоз баробари 70 фоизи даромади умумӣ аз ҳамаи намудҳои фаъолият бо тарҳ намудани пардохтҳо (ҳисобкуниҳо) барои молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ки қаблан ба манбаи андозбандии давраҳои андози гузашта дохил шудаанд, дониста мешавад.

3. Барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминотию фурӯш арзиши (нархи) пардохтшудаи (пардохтшавандаи) молҳое, ки минбаъд бояд таҳвил (аз нав фурӯхта) шаванд, ҳамчун пардохт (ҳиссаҷудокунӣ) баррасӣ гардида, бояд ба манбаи андозбандӣ дохил карда шавад.

**- Барои ҳисоби андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард чӣ гуна меъёр муқаррар шудааст?**

- Мувофиқи талаботи моддаи 252 Кодекси андоз меъёри андоз аз 1-уми январи соли 2013 ба андозаи 0,5 фоиз барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш ва ба андозаи 2 фоиз барои дигар намудҳои фаъолият, аз 1-уми январи соли 2015 ба андозаи 0,25 фоиз барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш ва ба андозаи 1 фоиз барои дигар намудҳои фаъолият муқаррар шудааст.

**- Давраи андоз, тартиб ва мӯҳлати пардохти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро чӣ гунаанд?**

- Дар асоси талаботи моддаҳои 253-254 Кодекси андоз давраи андоз моҳи тақвимӣ буда, эъломияи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар шакли муқарраркарда мақоми ваколатдори давлатӣ то санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботии андоз фаро мерасад, пешниҳод карда мешавад. Пардохти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард то санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботии андоз фаро мерасад, анҷом дода мешавад.

**Мисол:** Даромади умумии ҶДММ «А» дар моҳи октябр маблағи 500,0 ҳазор сомониро ташкил намуд. Ҳамаи хароҷоти андозсупоранда дар ҳамин моҳ дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва эъломияи андоз 310 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар ин маврид манбаи андоз баробари 70 фоизи даромади умумӣ ба маблағи 350 ҳазор сомонӣ қабул мешавад.

**- Иҷрои нақшаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар 9 моҳи соли 2018 ва нуҳ моҳи соли 2019 чӣ гуна таъмин шудааст?**

- Тибқи маълумоти мавҷуда дар нуҳ моҳи соли 2018 нақшаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар қаламрави ҷумҳурӣ ба андозаи 115,2 фоиз таъмин гардида, ба ҷои 266,4 млн. сомонӣ ба буҷет 306,9 млн. сомонӣ ворид карда шуда буд. Аммо дар нуҳ моҳи соли 2019 нақшаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ба андозаи 98 фоиз таъмин гардид. Ба ҷои 328,7 млн. сомонӣ ба буҷет 322,1 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбати нақшаи пешбинишуда 6,6 млн. сомонӣ кам мебошад.

Сабаби асосии кам гардидани маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, пеш аз ҳама, коҳиш ёфтани ҳаҷми иҷрои корҳо ва дар ин замина кам гардидани хароҷоти истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад.

Мусоҳиб
Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ

# Налог на добавленную стоимость (НДС)

**НДС — это косвенный налог. Исчисление производится продавцом при реализации товаров (работ, услуг, имущественных прав) покупателю.**

**Продавец дополнительно к цене реализуемых товаров (работ, услуг, имущественных прав) предъявляет к оплате покупателю сумму НДС, исчисленную по установленной налоговой ставке. Сумма НДС, которую налогоплательщик-продавец уплачивает в бюджет, рассчитывается как разница между суммой налога, исчисленной им при реализации товаров (работ, услуг, имущественных прав) покупателям, и суммой налога, предъявленной этому налогоплательщику при приобретении им товаров (работ, услуг, имущественных прав), используемых для облагаемых НДС операций. НДС является общегосударственный налогом.**

**Инструкция «По исчислению и уплате налога на добавленную стоимость» утверждена Распоряжением Председателя Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан от 23 марта 2013 года, №8-ф.**




**Налогообложение НДС**

Плательщиками НДС признаются: организации (в том числе некоммерческие) предприниматели. Условно всех налогоплательщиков НДС можно разделить на две группы:

- налогоплательщики «внутреннего» НДС, т.е. НДС, уплачиваемого при реализации товаров (работ, услуг) на территории Республики Таджикистан
- налогоплательщики «ввозного» НДС, т.е. НДС, уплачиваемого при ввозе товаров на территорию Республики Таджикистан

**Освобождение от исполнения обязанностей плательщиков НДС**

Организации и индивидуальные предприниматели на основе свидетельства у которых за 12 предшествующих последовательных календарных месяца сумма выручки от реализации товаров (работ, услуг) не превысила в совокупности 1 миллион сомони уплачивают налог по упрощенному режиму и не являются плательщиками НДС (ст. 290 НК РТ).

**Не обязаны платить налог по операциям по реализации (кроме случаев ввоза товаров на территорию Республики Таджикистан) организации и предприниматели:**

- индивидуальных предпринимателей, функционирующих на основе патента или свидетельства (глава 42 НК РТ);
- применяющие упрощенный режим налогообложения для субъектов малого предпринимательства (налог по упрощенному режиму), (глава 43 НК РТ);
- применяющие упрощенный режим налогообложения для сельскохозяйственных производителей (единый налог), (глава 44 НК РТ);
- применяющие специальный режим налогообложения для субъектов игорного бизнеса (налог на игорный бизнес), (глава 45 НК РТ);
- деятельности по птицеводству, рыбоводству и производству комбинированных кормов для птиц и животных (глава 471);
- профессиональные участникирынка ценных бумаг (глава 472);
- субъекты свободной экономической зоны и администрация свободной экономической зоны (глава 49 НК РТ).

**Освобождение от НДС поставка товаров (работ и услуг) и ввоз товаров**

Согласно Налоговому и Таможенному кодексу для поставки товаров и ввоза товаров определены различные понятия. Так согласно пунктом 53), ст. 17 НК РТ под понятием поставка товаров - передача прав собственности на товары, включая продажу, обмен или дарение, передачу безвозмездно или с частичной оплатой, выплата заработной платы в натуральной форме и другие платежи в натуральной форме, а также передача залогодержателю прав собственности на товары, помещенные в залог. В соответствии с пунктом 6) ст. 10 ТК РТ под ввозом ввоз товаров и (или) транспортных средств на таможенную территорию Республики Таджикистан понимается фактическое пересечение товарами и (или) транспортными средствами таможенной границы и все последующие предусмотренные настоящим Кодексом действия с товарами и (или) транспортными средствами до их выпуска таможенными органами.

В этой связи ст. 169 НК РТ для освобождении поставки товаров, выполненные работы и оказанные услуги определены отдельные части и для освобождения ввоза товаров установлена отдельная часть данной статьи. В частности:

**Следующие поставки товаров (кроме экспорта товаров), выполненные работы и оказанные услуги, осуществленные в Республике Таджикистан, освобождаются от НДС:**

1) Продажа, передача или аренда недвижимости, кроме:

а) продажи или передачи гостиничных помещений, или жилья для отдыхающих;

б) продажи или передачи вновь выстроенных жилых помещений;

в) продажи или аренды недвижимого имущества, используемого для предпринимательских целей, за исключением продажи или передачи в соответствии со статьей 165 настоящего Кодекса.

2) Оказание отдельных финансовых услуг за вознаграждение, перечень которых определяется Министерством финансов Республики Таджикистан по согласованию с Национальным банком Таджикистана и уполномоченным государственным органом, в том числе передача амортизируемого материального имущества по операциям финансовой аренды (лизинга) (включая самолеты), осуществляемым в соответствии со статьей 15 настоящего Кодекса, за исключением недвижимого имущества, легковых автомобилей и мебели.

3) Поставка национальной и (или) иностранной валюты (кроме нумизматических целей), а также ценных бумаг.

4) Оказание религиозным объединением религиозных и ритуальных услуг.

5) Оказание государственными учреждениями медицинских услуг, за исключением косметологических, стоматологических и санаторно-курортных услуг.

6) Оказание следующих услуг финансируемыми за счет бюджета государственными учреждениями в сфере образования (при наличии лицензии, если она необходима):

а) дошкольное образование;

б) начальное, общее основное и общее среднее образование;

в)начальное профессиональное и среднее профессиональное образование;

г) высшее профессиональное образование;

д) профессиональное образование после высшего образовательного учреждения;

е) дополнительное и специальное образование.

7) Безвозмездная передача (отказ от) товаров в пользу государства, поставка товаров, выполнение работ и оказание услуг в качестве гуманитарной помощи.

8) Поставка товаров, выполнение работ, оказание услуг, произведенных (выполненных, оказанных) непосредственно пенитенциарными учреждениями Республики Таджикистан или государственными предприятиями, входящими в пенитенциарную систему Республики Таджикистан.

9) Поставка специализированной продукции индивидуального использования для инвалидов по перечню, определяемому Правительством Республики Таджикистан.

10) Поставка (продажа) единой школьной и дошкольной формы отечественного производства, перечень которых по представлению уполномоченного государственного органа в сфере промышленности по согласованию с уполномоченным государственным органом в сфере финансов и уполномоченным государственным органом утверждается Правительством Республики Таджикистан. Перечень утвержден постоновлением Правительства Республики Таджикистан от 02 майя 2019, №198.

11) Поставка (продажа) медицинских препаратов отечественного производства, перечень которых по представлению уполномоченного органа в сфере здравоохранения по согласованию с уполномоченным государственным органом в сфере финансов и уполномоченным государственным органом утверждается Правительством Республики Таджикистан.

Поставка, в том числе на экспорт, драгоценных металлов и драгоценных камней, ювелирных изделий из драгоценных металлов и драгоценных камней, алюминия первичного, концентратов металлов, товарной руды, лома черных и цветных металлов, других производимых в Республике Таджикистан металлов, коконов, хлопка-волокна, хлопковой пряжи и хлопка-сырца освобождается от налога на добавленную стоимость

**Следующие виды ввоза освобождаются от налога на добавленную стоимость:**

- ввоз национальной и (или) иностранной валюты (кроме нумизматических целей), а также ценных бумаг;

- ввоз драгоценных металлов и драгоценных камней Национальным банком Таджикистана и Министерством финансов Республики Таджикистан для Государственного хранилища ценностей;

- ввоз товаров, безвозмездно передаваемых государственным органам Республики Таджикистан, ввоз товаров в качестве гуманитарной помощи, ввоз товаров, безвозмездно передаваемых благотворительным организациям на цели ликвидации последствий стихийных бедствий, аварий и катастроф;

- ввоз, в том числе на условиях финансовой аренды (лизинга), производственно-технологического оборудования и комплектующих изделий к нему для формирования или пополнения уставного фонда (капитала) предприятия или технического перевооружения действующего производства, при условии, что это имущество используется непосредственно для производства товаров, выполнения работ и оказания услуг в соответствии с учредительными документами предприятия и не относится к категории подакцизных товаров. В случае ликвидации такого предприятия или использования вышеуказанного импортированного в Республику Таджикистан производственно-технологического оборудования и комплектующих изделий к нему в течение двух лет с момента поступления (импорта) в Республику Таджикистан или поставки этим предприятием другому лицу, неуплаченная в соответствии с настоящим абзацем сумма налога на добавленную стоимость, подлежит взысканию в бюджет без осуществления зачета в соответствии со статьей 183 НК РТ, за исключением ввоза такого оборудования на условиях финансовой аренды (лизинга);

- ввоз медикаментов, медицинского, фармацевтического оборудования и медицинских инструментов в соответствии с перечнем, определяемым Правительством Республики Таджикистан.

- ввоз товаров, осуществляемый для реализации инвестиционных проектов Правительства Республики Таджикистан в пределах средств соглашений о грантах (кредитах);

- ввоз товаров для строительства особо важных объектов, перечень которых определяется Правительством Республики Таджикистан;

- ввоз товаров (за исключением подакцизных товаров) по перечню и в объемах, определяемых Правительством Республики Таджикистан, осуществляемый непосредственно производителями для производства алюминия первичного;

- ввоз алюминия первичного;

- ввоз военной техники, основных агрегатов, оружия, боеприпасов, летательных аппаратов оборонного назначения, а также запасных частей к ним, стоимость обслуживания, ремонт;

- ввоз специализированной продукции индивидуального использования для инвалидов по перечню, определяемому Правительством Республики Таджикистан;

- ввоз сырья (фурнитуры) для производства школьной одежды для швейных фабрик, перечень которых утверждается Правительством Республики Таджикистан;

- ввоз техники сельскохозяйственного назначения, перечень которых утверждается Правительством Республики Таджикистан;

- ввоз материалов и предметов для производства медикаментов, перечень которых утверждается Правительством Республики Таджикистан;

- ввоз новейших технологий для фармацевтических предприятий и современного оборудования диагностики и лечения;

- ввоз технологий, оборудований и материалов для обеспечения потребностей сферы птицеводства, рыбоводства и (или) при ввозе товаров непосредственно для собственных нужд хозяйствующих субъектов в сфере птицеводства, рыбоводства и производства комбинированных кормов для птиц и животных;

- ввоз сырья для переработки и производства конечной продукции, за исключением сырья, производимого внутри страны и подакцизных товаров, порядок и перечень которого определяется Правительством Республики Таджикистан;

- ввоз и дальнейшая поставка новых автомашин (дата выпуска которых не превышает 1 (один) год, с пробегом до 10 (десяти) тысяч километров) с товарной номенклатурой 8702, 8703, 8704 и 8705 освобождаются от уплаты 50 процентов налога на добавленную стоимость.

**Подготовил С. ВАЗИРОВ**

# Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад

**Ҷомеаи ҷаҳониро гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ ба ташвиш овардааст. Терроризм аз ҷумлаи ҳодисаҳое мебошад, ки барои амнияти миллӣ ва давлатдории ҳар як мамлакат ва ҷомеа, бахусус, ҷавонон хатар эҷод мекунад. Айни замон гурӯҳи террористии бо ном «Давлати исломӣ» ҷавононро бо ҳар гуна роҳу усулҳо ба доми худ кашида, сапас онҳоро барои анҷом додани куштору таркишҳо равона месозанд.**

Рӯҳониён ва исломшиносон борҳо таъкид намуданд, ки гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ки амалҳои террористии худро бо номи «Ҷиҳод» анҷом медиҳанд, ба ислом робитае надоранд.

Инчунин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба он нигаронидаанд, ки ислом ба терроризм ва экстремизм ягон робитае надорад, вале имрӯз кӯшишҳои ба рақиби идеологии ҷаҳонӣ табдил додани ислом ва мардуми мусулмон идома дорад.

Тавре аз сомонаҳои интернетӣ огоҳ ҳастем, шаби 6-уми ноябри соли ҷорӣ як гурӯҳи террористии ба ном «Давлати исломӣ» бо истифода аз торикии шаб ба дидбонгоҳи сарҳадии №4-и «Ишқобод»-и қисми ҳарбии отряди сарҳадии «Султонобод» ҳуҷуми мусаллаҳона намуданд, ки мақсад аз ин амал нооором сохтани фазои Тоҷикистон мебошад. Онҳо мехостанд дар натиҷаи амалиётҳои нопоки худ хуни ҳазорон шаҳрвандони бегуноҳро резонанду ҳазорон кӯдаконро бесарпаноҳ бикунанд.

Ин амали ноҷавонмардона дар ҳоле сурат гирифт, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои аврупоӣ сафари корӣ доштанд. Пайдост, ки террористон бо супориши махсус бо мақсади нооором нишон додани вазъи Тоҷикистон дар Аврупо ва сади роҳи имзои созишномаҳои тиҷоратӣ бо сармоягозорони аврупоӣ шудан ин амали террористиро анҷом додаанд. Маълум аст, ки аз чунин ранг гирифтани кор гурӯҳе ва ё кишваре манфиатдор аст.

Тавре сиёсатшинос Абдулло Роҳнамо қайд намуд, шабехуни гурӯҳаки ифротии террористӣ ба дидбонгоҳи марзбонӣ ҳодисаи сода нест. Он дар асл шабехун ба давлати мо, ба мардуми мо, ба озодии мо, ба суботу осудагии ин сарзамин аст. Агар ҳоло ба 20 нафари онон убури марз даст дода бошад, он сӯи марз ҳазорони дигар машқ дидаву саф кашидаанд. Ва бадтар аз ин, ин нерӯи сиёҳ дар муқобили давлату давлатдории мо аз марказҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ идора ва самт дода мешавад.

Чуноне дидем, чунин гурӯҳакҳо дар алоҳидагӣ дар баробари нерӯи давлати мо ҳеҷанд, аммо тавону таҷрибаи пуштибононии онон басе бузургтар аз инанд ва худи терроризм як сиёсати калони қудратҳои ҷаҳонӣ ва як барномаи васеи фароминтақавист...

Ин паёмест, ки бадхоҳони ватану миллати мо ҳанӯз бо ҳастии миллӣ, истиқлоли давлатӣ ва зиндагии озоди мо оштӣ накардаанд, ҳанӯз дар пайи нақшаҳои нопоки худанд ва бо ин ҳадаф якеро дар Шарқ пеш андохтаанду дигаеро дар Ғарб...

Бинобар ин, дар чунин соати ҳассос ҳамаи мо, новобаста аз синну сол, касбу кор ва мавқеи сиёсию иҷтимоӣ бояд дар атрофи ватан, давлат, ормонҳои миллӣ ва муҳофизони ҷонбаркафи он муттаҳид бошем. Зеро ватандорию ватанпарастӣ касбу кор нест, балки зарурати ҷонию вазифаи ҳамагонист. Ва суботу амният низ фақат ниёзи давлат нест, балки зарурати ҳаётии ҳар фард аст.

Дар чунин лаҳзаи эҳсоси таҳдиду ташвиш маҳз огоҳии баланди сиёсӣ, мавқеи масъулонаи шаҳрвандӣ ва ҳисси зотии ватандорӣ нерӯест, ки ҳар яки моро муттаҳид месозад ва шикастнопазирии моро ба намоиш мегузорад.

Ҳамчунин, мушкилоти ҷавононии имрӯзаи мо дар он ифода гашта истодааст, ки исломро аз имон фарқ карда наметавонанд. Ин, пеш аз ҳама, мушкилоти худи онҳо мегардад, ки ҳаёту зиндагии худро табоҳ сохта, баъдан бо ин рафтори худ дар ҷомеа доғ мегузоранд. Хусусан, иштирок дар ҷангҳои бемаънову дассисаҳои беасос дар ҳодисаҳои сиёсии Сурия ва таъсиси ДИИШ вусъат ёфта истода, ки ба Тоҷикистон низ дахолат намудааст, ҷавонони бемаърифату беиродаи тамоми ҷаҳонро гирди худ ҷамъ оварда, ин тамоюл гурӯҳҳои экстремистӣ ва миллатгароёнро бо таҳқиру шиканҷаи мусулмонон фаъолтар намуданд.

Воқеан ҳам фоҷиаи шаби шашуми моҳи равон бори дигар исбот намуд, ки мақсади ҳаросафканони ДИИШ –и бе дину оин танҳо ҷорӣ намудани тарсу ваҳм ва бесарусомонии сартосарӣ ва бо ин восита, амалӣ намудани мақсаду мароми хоҷагони худ мебошад. Мутаассифона, пайравони гурӯҳҳои тундрав дини исломро силоҳи асосии худ қарор дода, дар доми фиреби худ ҷавонони бехабар аз дониши динӣ ва хурофотпарастро бисёртар ҷалб мекунанд ва онҳоро барои мақсадҳои нопоки худ истифода менамоянд.

Бояд гуфт, ки дар вазъияти сиёсии замони имрӯза тамоми шаҳрвандонро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, барои ҳимояи сохти конститутсионии кишвар якдилу якҷон бошанд, то ки ҳеҷ адуе ҷуръати рахна сохтани марзу бум ва ваҳдати мардуми моро пайдо карда натавонад.

Бо итминон метавон гуфт, ки ин ҳамлаи террористии ДИИШ ба дидбонгоҳи сарҳадии "Ишқобод" бо ҳамлаи қаблӣ ба сайёҳони хориҷӣ дар ноҳияи Данғара монандӣ дорад. Соли гузашта тибқи маълумоти расмӣ наҳзатиён дар ҳамкорӣ бо ДИИШ дар ростои эълон гардидани соли 2019 "Соли рушди сайёҳӣ ва барои ҳунарҳои мардумӣ" мехостанд бо ҳамла намудан ба сайёҳони хориҷӣ нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ коҳиш дода, садди роҳи ҳузури гардишгарон ва сармоягузорон шаванд. Аммо ин маротиба террористони ДИИШ амали зиштро дар пайи сафари расмии Пешвои миллат ба кишварҳои Аврупо бо ҳадафи паст кардани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, садди роҳи сармоягузориҳо ба Тоҷикистон шудан ва нооором сохтани вазъ амалӣ намуданд. Вале ин бор ҳам тири нохалафон хок хӯрд ва мақомотҳои дахлдор ба онҳо ҷавоби сазовор доданд.

**М. ҶУМЪА**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

65 СОМОНӢ нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»



Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии “Амонатбонк” қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Гулбаст» (РЯМ 0410033397) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «ОТАБЕК» (РЯМ 3510002449) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Саидумар 2013» (РЯМ 3710002331) воқеъ дар ноҳияи Панҷ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Хатлон» (РЯМ 0310005768) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Филиали ҶДММ «АВЕСТО» дар ноҳияи Рӯдакӣ (РМА 120042367) воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ МҒР «Маърифати ҳуқуқӣ» (РМА 510023935) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи ғайритиҷоратии «Хонаи умед» (РЯМ 0310009040) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нурова Эркамо (РЯМ 0430159281) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Вахобов Истамҷон (РЯМ 0330057411) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Хоҷаев Боир (РЯМ 0330029389) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нуров Файзалӣ (РЯМ 0530121616) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҷидов Асрорхуҷа (РЯМ 0530152205) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҷабов Зафар (РЯМ 1830051722) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сафаров Муаъзамшоҳ (РЯМ 5830014676) аз ноҳияи Мастчоҳ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Турсунов Бахромҷон (РЯМ 5530230338) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Бобоҷонова Гулнора (РЯМ 0331308698) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Имомнияз» (РЯМ 3730021745) аз ноҳияи Панҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Солиҳов Маҳмадсаид (РЯМ 0530072070) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Меҳридини Зайнидин» (РЯМ 2430019653) аз ноҳияи Муъминобод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Эмомалӣ» (РЯМ 2430011999) аз ноҳияи Муъминобод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**Шаҳодатномаи ивазкунандаи билети ҳарбӣ, ки онро комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ ба Булбулов Ҳоҷиакбар Алиакбарович додаст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.**

**Шиносномаи А7966878, ки онро соли 2013 ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Шарипов Абдулло Музафарович додааст, бино бар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.**




**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Опубликован список должников по налогам в Нур-Султане

**В Департаменте государственных доходов по Нур-Султану напомнили о необходимости своевременной уплаты земельного и налога на имущество, а также на транспортные средства.**



В противном случае вместе с задолженностью придется выплачивать и набежавшую пеню, передает Tengrinews.kz со ссылкой на официальный сайт столичного акимата.

Те, кто несвоевременно уплачивает налоги и не погашает задолженность, попадают в список должников, который публикуется на просторах интернет-пространства в открытом доступе. В течение 20 рабочих дней после образования задолженности налоговые органы направляют уведомление в адрес физического лица. Если по истечении 30 рабочих дней после получения уведомления налоговая задолженность не погашается, то налоговый орган выносит приказ о ее взыскании и не позднее пяти рабочих дней направляет его физическому лицу. Если в течение пяти рабочих дней после получения налогового приказа должник не погасит налоговую задолженность, то уполномоченный орган направляет такой приказ судебным исполнителям для принудительного исполнения. Последний при получении налогового приказа начинает процедуру принудительного исполнения взыскания долга, которая может сопровождаться арестом имущества и денег на банковских счетах, запретом на выезд за пределы страны и другими мерами.

Кроме погашения налоговой задолженности с пеней, физическому лицу необходимо будет оплатить еще и услуги судебного исполнителя в размере не менее 20 процентов от суммы задолженности. Полный список доступен по ссылке.

Список сформирован из физических лиц, имеющих налоговую задолженность свыше 1 миллиона тенге. В нем значатся около 200 человек.

**Источник: https://news.mail.ru**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Дар доираҳои илмӣ ва соҳибкорон аз вазнинии бори андоз гуфтугузори зиёде шуда буд. Ҳатто андешае низ вуҷуд дошт, ки дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои соҳибкорон пурра ба инобат гирифта нашудаанд. Бори гарони андозҳо имкониятҳои инвеститсияҳоро аз ҷониби сармоягузорони маҳаллӣ ва хориҷӣ маҳдуд месозад. Аввалан, меъёри (ҳаҷми) ҳама навъҳои андоз, ки дар Кодекси андоз муқаррар гардидаанд, аз ҷумла ҳаҷми андоз аз фоидаи корхонаҳо (25 %) нисбат ба кишварҳои дигари дунё нисбатан паст аст; бори андозе, ки ҷун таносуби ҳамаи воридот аз андоз дар нисбати маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ эътироф гардидааст, нисбат ба кишварҳои тараққикарда ва пешрафтаи роҳи иқтисоди бозаргонӣ 2 – 2,5 баробар паст аст.

Дуюм, рушди соҳибкорӣ ва ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ на танҳо аз дараҷаи андозбандӣ, балки бештар аз маҷмӯи шароити иҷтимоиву иқтисодӣ (пешрафти инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ), кафолати сиёсиву ҳуқуқӣ, суботу оромии иҷтимоӣ-сиёсӣ, риояи қонун дар кулли корҳои ҳоҷагидорӣ ва фаъолияти мақомоти назорати давлатӣ аз поён то боло, низоми пардохт дар иктисодиёт вобаста аст. Чунонки П. Самуэлсон дар китоби худ «Экономикс» овардааст, бояд дар назар дошта бошем, ки андозҳо воситаи муҳими танзими иқтисодиёт бошанд ҳам, дар айни замон раҳонанда аз ҳамаи ҳаводис нестанд.

Бори андоз (вазни қиёсии воридот аз андоз дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) имрӯз дар Тоҷикистон 18 %-ро ташкил медиҳад. Агар вазъи кишвари худро дар ин соҳа бо кишварҳои дигари мутараққӣ, ки дар онҳо бори андоз дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 22,9 % то 55 % мерасад, метавон тасдиқ кард, ки бори андоз дар мо нисбатан паст аст. Вале дар ин маврид, бояд дараҷаи рушди иқтисодиёти кишвар ва некӯаҳволии аҳолӣ ба назар гирифта шавад.

Меъёри (ҳаҷми) андозҳои дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда ба ҳаҷми андози маъмул дар кишварҳои пешрафтаи дунё мувофиқанд. Вале аз ҷиҳати дараҷаи (сатҳи) рушди иҷтимоиву иқтисодӣ кишвари мо нисбат ба онҳо қафомонда аст. Дар ин гуна шароит ҳаҷми баробари андоз натиҷаҳои манфӣ пеш меорад. Дар кишварҳои пешрафтаи дунё, ки бо роҳи иқтисоди бозаргонӣ пеш меравад, андозҳои аз ҷиҳати ҳаҷм нисбатан зиёд барои аз соҳибкорон гирифтани даромадҳои зиёдатӣ ва баъдан инвеститсия кардани онҳо тавассути буҷети давлатӣ мусоидат менамоянд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



# Сайёҳон

## чаро ҷарима мешаванд?

**Саёҳат ба кишварҳои дунё ҷолиб аст. Вале вақте ба мамлакати дигар меравед, бояд донед, ки ҳар давлат қонуну қоидаҳои худро дорад ва риоя кардани онҳо ҳатмист.**

Дар мамлакати мо шоколади “Киндер - сюрприз”-ро дар тамоми мағозаҳо дидан мумкин аст. Аммо дар ИМА барои аз сарҳад гузаронидани он 300 доллар ҷарима ситонда мешавад.



Дар Таиланд пули миллиро ғиҷим кардан, ба замин партофтан, дарондан ва ҳатто дар кисаи қафои шим гирифтан мумкин нест. Барои ин ҳам ҷарима бояд супурд.



Дар Сингапур яке аз сайёҳон дар пайроҳа туф кард. Ӯро ҳамон замон полиси маҳаллӣ ба маблағи 300 доллар ҷарима баст. Илова бар ин, ҷаримаро бояд дар муддати 2 рӯз супурд, вагарна маблағи он ба 2000 доллар мерасад.

Дар Италия ҳатто дар ҳолати хеле гарм шудани ҳаво ҳам, оббозӣ дар фаввораҳо мумкин нест. Аз вайронкунандаҳои ин қоида то 900 евро ҷарима ситонда мешавад.



Дар майдони Сан - Маркои Венетсия ба кабӯтарон додани гандум ё биринҷ мамнӯъ аст. Зеро кабӯтарҳо хеле зиёданд ва онҳо кӯчаро ифлос мекунанд.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Қалби зебо ширинтар ва беҳтар аз чеҳраи зебост ва покии сиришт зеботар аз либоси абрешимӣ аст.

х х х

Ҳақиқатро гуфтан душвор нест, фаҳмонидан душвор аст.

х х х

Таъсири сухан дар балоғату фасоҳат не, балки дар самимият ниҳон аст, ки он ҳам бетамаъ буданро тақозо мекунад.

х х х

Кореро дуруст ба ҷой овардан муҳим аст, вале аз он ҳам муҳимтар кори дурустро ба ҷой овардан аст.

х х х

Имкониятҳо доим вуҷуд доранд, вале барои фарқ карда тавонистани онҳо чашми бино лозим аст.

# Марде аз асри XIX

**Роҳиби ҳиндӣ Свами Шивананда тибқи шиносномa 8 августи соли 1896 дар шаҳри Калкутта таваллуд шудааст.**



Агар маълумоти шиносномаи Шивананда дақиқ бошад, пас ӯ ҳоло 123 - сола буда, фарди куҳансолтарини рӯи замин махсуб мегардад.

Дар панҷсолагӣ ӯ аз падару модар маҳрум мешавад. Хешовандонаш ӯро барои тарбия ба гурӯҳи рӯҳониёни мусофир месупоранд, ки тариқи он тамоми Ҳиндустонро саёҳат кардааст.

Шивананда замоне тасмим гирифт, ки ҳаёти хешро ба роҳибӣ бахшад. Ӯ худ иқрор шудааст, ки зиндагии хеле хоксорона дорад. Масалан, дар рӯи фарш мехобад ва зери сараш ғӯлачӯб мегузорад. Аз хӯрдани хӯрокҳои дорои маводи гуногун, маҳсулоти ширӣ ва мева худдорӣ менамояд.

Шогирдони роҳиб борҳо ба ӯ машварат додаанд, ки барои шомил шудан ба китоби рекордҳои Гиннес дархост пешниҳод намуда, унвони куҳансолтарин марди сайёраро дарёфт бикунад. Аммо, ӯ дар ин масъала хомӯш аст.

# Панди рӯзгор

Замоне подшоҳи як мамлакат дар байни роҳи одамгузар, ки сӯйи қасраш мебурд, санги калонеро мемонад. Худи подшоҳ дар канори роҳ пинҳон шуда, воқеаро тамошо мекунад. Тоҷирон, корвонҳо, бойҳою ходимони қаср аз он роҳ бо душворӣ сангро давр зада мегузаштанд.

Ҳар як роҳгузар ба ҳамдигар подшоҳро айб карда мегуфт, ки ин ҳоли ҳазратро бин, ки андозҳои зиёдро аз мо меситонад, аммо як шаҳрашро тоза нигоҳ дошта наметавонад. Баъдан як деҳқоне, ки ҳар рӯз ба қаср меваву сабзавот меовард, аз он роҳ мегузарад.

Ӯ барои нафас рост кардан каме дар назди санг дам гирифт. Борашро аз китф фуроварда, бо ду дасташ сангро бо душвории зиёд аз ҷояш ҷунбонида ба канор партофт. Вақте хост борашро боз ба китфаш монда роҳашро давом диҳад, дар ҷойи санг як кӯзаеро пур аз тилло бо хате пайдо мекунад. Дар он навишта шуда буд:

«Ин кӯзаи тилло азони шахсест, ки сангро аз роҳ мебардорад».



**Меваи нок аз 84 фоиз об, 15 фоиз карбогидратҳо иборат аст. Нок чӣ қадар хушбӯй бошад, фоидааш ҳамон қадар зиёдтар аст.**

# Нок давои бемориҳост

Дар таркиби нок кислотаи аскорбин, витаминҳои гурӯҳи В, калий, натрий, калтсий, оҳан, фосфор, магний мавҷуд буда, хусусан ба ҳомилаҳо фоидаи зиёд дорад. Ба шахсони нок истеъмол намуда бемориҳои сироятӣ таҳдид намекунанд. Хусусан, дар тирамоҳ ва баҳор вақти зиёд шудани бемориҳои вирусӣ нок хӯред, беморӣ ба шумо наздик намешавад. Истеъмоли нок барои мустаҳкамии нохун ва ҷилои мӯй низ манфиат дорад. Шахсони аз фарбеҳӣ азиятдошта ҳам, метавонанд нок истеъмол намоянд.

Бо мақсади бартараф намудани ожангҳои рӯятон бештар нок истеъмол намоед. Барои бармаҳал нарехтани мӯй нокро аз турбтарошак гузаронида, онро ба решаҳои мӯй хуб бимолед ва баъд аз 30 дақиқа бо оби ширгарм шӯед. Инчунин, истеъмол намудани донаҳои нок барои афтонидани кирми меъда манфиатбахш мебошад.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мазҳаб ҶУМЪА

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 78 856**